АБДУРАЗЗОҚИ РАЗЗОҚ

# БАҲОРИ ИШҚ

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2011

**ББК 84 Тоҷик 7-5**
**Р-20**

**Муҳаррир** *Гурез Сафар*

**Р-20 Абдураззоқи Раззоқ.** Баҳори ишқ (маҷмӯаи шеърҳо).- Душанбе, «Адиб», 2011, 116 саҳ.

Аксари сурудаҳои Абуразоқи Разоқ хушоҳангу содаву равон буда, аз равонии табъ ва заҳмати пайвастаи муаллиф дар роҳи эҷод башорат медиҳанд. Боварӣ дорем, ки мутолиаи китоби «Баҳори ишқ» ба мулки дилҳоятон баҳору сарсабзӣ меорад.

ISBN 978-99947-2-049-1

**© Абдураззоқи Раззоқ, 2011**

## МАРДЕ АЗ РОҲИ ТАРОНА

Ман бо шеърҳои Абдураззоқи Раззоқ дер боз ошноӣ дорам. Ҳарчанд ӯ омӯзгор аст ва бо илми дақиқ сару кор дорад, дақиқаву амиқиву саҳеҳии суханро ҳеҷ гоҳ аз назар намеандозад. Зеро, ҳамчунон ки илми дақиқ дақиқиро пазиро ҳаст, шеър ҳам ба ҳамон андоза ва шояд бештар ба дақиқӣ ниёз дорад. Аксари сурудҳои шоир хушоҳангу соддаву равонанд ва сурудгунаанд. Суруд сароидан кори саҳл нест ва ин навъи шеър аз гӯянда равонии табъу оҳангнокии мисраъҳоро тақозо мекунад. Дар ин маҷмӯа шеърхое ҳастанд, ки маҳз дар навъи суруд гуфта шудаанд ва суруди хуб ҳам буда метавонанд. Ба ин нақоратҳо таваҷҷӯҳ фармоед ва хоҳед дарёфт, ки гӯянда онҳоро шоистаи тарона офаридааст:

*Баҳори гулҷабин омад,*
*Саропо нозанин омад.*

*Барои тоҷикон ҷонӣ, Душанбе,*
*Ту ҷони Тоҷикистонӣ, Душанбе*

*Бибору бор, эй борон,*
*Чу лутфи ёр, эй борон.*

Ғазалгуна, рубоиву дубайтҳое, ки дар ин маҷмӯа гирд омаданд, воқиан ҳам, хосияти тарона доранд. Ҳарчанд гоҳ – гоҳе шоир маъниадорӣ ҳам мекунад, ба монади –

*Хайём, ба монанди ту хушкоме ку?*
*Он ҳарфи накӯву он маю ҷоме ку?*
*Гуфтӣ, ки «Равему боз оянду раванд»,*
*Рафтанду биёмадеду Хайём ку? –*

ҳамчунин сурудаҳояш ҳама сурудгунаанд ва месозад, ки овозхонҳои мо барои дарёфти мойни таронаи зебо ба эҷодиёти Абдураззоқ муроҷиат кунанд.

Мо ба ҷусткору пайкору гуфтори ин дакиқапарасти дақиқгӯ барор орзу дорем.

***ГУЛНАЗАР***

## ТАРОНАИ ВАТАН

### ТОҶИКИСТОНИ ҶАВОН

Эй диёри бостони ориён,
Сарзамини кӯҳсори бекарон.
Ин туӣ гаҳвораи шеъри Аҷам,
Номи некат мерасад то Каҳкашон.

Зинда бошу сарбаланду ҷовидон,
Тоҷикистон, Тоҷикистони ҷавон.

Тоҷи тоҷик ҷовидонӣ бар сараш,
Нест бодо душмани афсунгараш.
Чун уқобони фалакпаймо мудом
Дар баландиҳо занад болу параш.

Зинда бошу сарбаланду ҷовидон,
Тоҷикистон, Тоҷикистони ҷавон.

Мо, далерони саҳархези Ватан,
Дар раҳи сулҳем, Парвизи Ватан.
Баҳри софии фазояш мешавем
Посбони фасли гулрези Ватан.

Зинда бошу сарбаланду ҷовидон,
Тоҷикистон, Тоҷикистони ҷавон.

### ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ

Ай кишвари озодам,
Мулки тарабободам.
Шодона сароям ман,
Ту манбаи эҷодам.

Ҷашни ту ҳумоюн бод,
Эй соҳиби истиқлол.

Эй кишвари озодам,
Бодо ба ту нав иқбол.

Ҳарчанд ҷавонӣ ту,
Тифлию калонӣ ту.
Бо мардуми неки худ
Машҳури ҷаҳонӣ ту.

Ҷашни ту ҳумоюн бод,
Эй соҳиби истиқлол.
Эй кишвари озодам,
Бодо ба ту нав иқбол.

Халқат тараборо шуд,
Пурҷашну дилоро шуд.
Имрӯз Душанбеят
Хуштар зи Бухоро шуд.

Ҷашни ту ҳумоюн бод,
Эй соҳиби истиқлол.
Эй кишвари озодам,
Бодо ба ту нав иқбол.

## АЁ МОДАР, ТУ БОРОНӢ…

Аё модар,
Ту боронӣ,
Ту балки резаборонӣ,
Ту он борони найсонӣ.
Ба саҳрои дилам ҳар лаҳза меборӣ,
Ба дунёи дили ман файз меорӣ.
Аё модар,
Чу қалбам ташнаи меҳру муҳаббат
мешавад, он дам
Ту мерезӣ, аё борони меҳру
ҷоннавози ман.
Аё сарчашмадори дил,
Аё эҳёгари гулшан…

Аё модар,
Ту боронӣ,
Ту он борон, ки бар қалби ҳама
инсон ҳамерезӣ,
Ту он борони найсон, ки ҳама
яксон ҳамерезӣ.
Зи ту нахли муҳаббат рӯяд андар
дохили сина,
Ҳамешӯӣ ту дилҳоро зи ҳар як доғу
ҳар кина.

Аё модар,
Ту боронӣ,
Ту бороне, ки мерезиву мерезӣ.
Ҳар он қадре, ки мерезӣ, камӣ
дорад барои ҷон,
Ҳар он қадре бувам шодоб, ин дил
ташнаи борон.
Дили ман ташнаи борон,
Дили ман ташнаи модар,
Бизӣ, модар, бизӣ модар,
Чу борон бор, эй модар,
Ба ҷӯбори дили ман шор, эй модар.
Ки бе он чакраҳои ҷоннавози ту
Бихушкад нахли уммеду хазон гардад ҳар армоне,
Дилам гардад биёбоне…
Ҳама сарсабзиам аз чакраи боронат, ай модар,
Ҳама дороиям аз қудрату эҳсонат,
ай модар,
Бизӣ модар, ту боронӣ,
Ту он дарёи раҳмонӣ.
Чу борон бор, эй модар,
Чу борон шор, эй модар…

## БАҲОР АНДАР ЗАМИН ОМАД

Зи гардун пайки хуш омад,
Дили ошиқ ба ҷӯш омад.
Чу булбул бар хурӯш омад,
Садои дил ба ҷӯш омад.

Баҳори гулҷабин омад,
Саропо нозанин омад.

Ту саҳрову чаманро бин,
Ту рақси ёсуманро бин.
Шукуфон шуд диёри ман,
Ту симои Ватанро бин.

Баҳори гулҷабин омад,
Саропо нозанин омад.

Бубин сеҳри ниҳонро ту,
Арӯсии ҷаҳонро ту.
Мисоли тоҷи тиллоӣ,
Бубин тирукамонро ту.

Баҳори гулҷабин омад,
Саропо нозанин омад.

## НАВРӮЗИ ИСТИҚЛОЛИ МО

Дар ин диёри тоҷикон,
Дар мулки поки ориён,
Дар кишвари Сомониён
Омад баҳори бехазон.

Наврӯзи истиқлоли мо
Омад ба истиқболи мо,
Саршор дар рӯзи мурод
Ҷоми Ҷами иқболи мо.

Ҳам ҷашни Наврӯз омада,
Ҳам рӯзи фирӯз омада.
Дар хонадони тоҷикон
Рӯзи дилафрӯз омада.

Наврӯзи истиқлоли мо
Омад ба истиқболи мо,
Саршор дар рӯзи мурод
Ҷоми Ҷами иқболи мо.

Дар кишвари гулпӯши мо,
Мулки баҳороғӯши мо,
Аз давраи пурҷӯши мо
Ояд садо бар гӯши мо.

Наврӯзи истиқлоли мо
Омад ба истиқболи мо,
Саршор дар рӯзи мурод
Ҷоми Ҷами иқболи мо.

## ФАХРАМ ЗИ ДИЁРИ ТОҶИКИСТОНАМ

Оринасабам, зи ориёнам ман,
Ҳамхуни Фаридуни замонам ман.
Ман зодаи кишвари ҷавонбахтам,
Аз насли бузурги тоҷиконам ман.

Фахрам зи диёри Тоҷикистонам,
Ҳамхунаму насли Оли Сомонам.

Имрӯз биболам аз макони худ,
Аз молу манолу аз замони худ.
Шукронагузорӣ мекунам, оре,
Аз омади хешу аз ҷаҳони худ.

Фахрам зи диёри Тоҷикистонам,
Ҳамхунаму насли Оли Сомонам.

Ҷону дили ман фидои Меҳан бод,
Ҳар як нафасам барои Меҳан бод.
Ҳар кас, ки фитод дар ғарибиҳо,
Гар шоҳ бувад, гадои Меҳан бод.

Фахрам зи диёри Тоҷикистонам,
Ҳамхунаму насли Оли Сомонам.

## МАН ОРИЯМ, ЗИ ЁРИЯМ

Ало кӯҳандиёри ман,
Ҳамеша навбаҳори ман.
Ту модару мадори ман,
Ту бошӣ ифтихори ман.

Ман ориям, зи Ёриям,
Ман аз нажоди ориям.

Диёри ман, биҳишти ман,
Макони Зардуҳишти ман.
Гар одамӣ зи хок аст,
Зи хоки туст хишти ман.

Ман ориям, зи Ёриям,
Ман аз нажоди ориям.

Туӣ ҳама суруди ман,
Ту хуни ман, вуҷуди ман.
Ту Маккаву Мадинаам,
Ту маънии суҷуди ман.

Ман ориям, зи Ёриям,
Ман аз нажоди ориям.

## ҶОНИ ТОҶИКИСТОН

Душанбешаҳр, эй хуршеди тоҷик,
Туӣ бахту раҳи испеди тоҷик.
Кушоӣ сӯи кас оғӯши худро,
Ту ҳастӣ хонаи уммеди тоҷик.

Барои тоҷикон ҷонӣ, Душанбе,
Ту ҷони Тоҷикистонӣ, Душанбе.

Зи Исмоил рӯҳат зад дил имрӯз,
Ҳама бар дидани ту моил имрӯз.

Нишони тоҷикон- тоҷат дурахшон,
Ҷаҳон андар шукӯҳат қоил имрӯз.

Барои тоҷикон ҷонӣ, Душанбе,
Ту ҷони Тоҷикистонӣ, Душанбе.

Басо шаҳри дилоройӣ ту имрӯз,
Ба ҳусни хеш доройӣ ту имрӯз.
Шарифиву бузургиву муқаддас,
Барои мо Бухоройӣ ту имрӯз

Барои тоҷикон ҷонӣ, Душанбе,
Ту ҷони Тоҷикистонӣ, Душанбе.

Туӣ шаъну шукӯҳи давлати мо,
Туӣ ҳомии сулҳу ваҳдати мо.
Барои тоҷикон чун қиблагоҳӣ,
Туӣ сарҷамъсози миллати мо.

Барои тоҷикон ҷонӣ, Душанбе,
Ту ҷони Тоҷикистонӣ, Душанбе.

## ЭЙ ШОИРО…

Эй шоиро, эй шоиро,
Аз чистӣ банди хаёл?
Ҳарфи наве эҷод кун
Чун Рӯдакву чун Камол.

Эй шоиро, оҳиста рав
Бар сӯи майдони Аҷам.
Аз сахрае бар сахрае
Бигзор мардона қадам.

Ай шоиро, кашшоф ту,
Кашшофи ашъори навӣ.
Эй шоиро, фаттоҳ ту,
Фаттоҳи кӯҳи маънавӣ.

Ҳастӣ табиби ошиқон.
Эй шоиро, эй шоиро,
Ҳар гаҳ зи дил гӯӣ сухан,
Бошад давои дарди мо.

Эй шоиро аз номи халқ,
Эҷод кун нав-нав суруд.
Ҳар кас, ки махонад варо,
Бар номи ту гӯяд дуруд…

## МАҚСАДИ ШЕЪР

***Шеър гуфтам на аз барои худам,***
***То ба қадрам раседу бинвозед.***
***Шеър гуфтам барои он ки шумо***
***Қадри худро дуруст бишносед.***
***Лоиқ***

Худ шудам ман қаламкашу аммо
Одаме гашта баҳри ман душман.
Душманона ҳазор ҳарфе гуфт,
Лек н-афтодаям ба ҳарфаш ман.

Вай бигуфто, ки шоире ҳастӣ?
Лоф ҳаст, он чӣ ту мегӯӣ,
Менависӣ ҳадиси дил, аммо
Кай ту суди варо ҳамеҷӯӣ?

Гуфтамаш ман бар чунин ноодам,
Суд набвад зи шеъри худ бар ман.
Мақсади шеъри ман бувад, медон:
Нест гардад зи байни мо душман.

## ЭЙ СОЛИ НАВ, ХУШ О, БИЁ

Дар дафтари мулки куҳан
Шуд саҳфаи нав парфишон.
Бо рӯзҳои неку бад
Соли куҳан рафт аз ҷаҳон.

Эй соли нав, хуш о, биё,
Хуш омадӣ, ту, марҳабо!

Боз омада соли навин,
Пайки нав орад бар замин.
Ҳар соату ҳар рӯзи он
Пурҷашн дар чархи барин.

Эй соли нав, хуш о, биё,
Хуш омадӣ, ту, марҳабо!

Бо ҷашну шодӣ омадӣ,
Аз пешу аз пушт, омадӣ.
Эй соли нав бар мулки мо,
Бо рақсу арғушт омадӣ.

Эй соли нав, хуш о, биё,
Хуш омадӣ, ту, марҳабо!

## ТАРОНАИ БОРОН

Баҳорон асту борон аст,
Ҳаме аз ҷӯй шорон аст.
Ба зери чатри боронӣ
Ба ошиқ бӯсаборон аст.

Бибору бор, эй борон,
Чу лутфи ёр, эй борон.

Гаҳе сим- сим ту меборӣ,
Гаҳе якбора мешорӣ.
Ба қалби нозуки ёрон,
Навои беғамӣ орӣ.

Бибору бор, эй борон,
Чу лутфи ёр, эй борон.

Бубинӣ, донаи борон
Бувад дурдонаи борон.

Зи ҳар як чакрааш пайдо
Шавад афсонаи борон.

Бибору бор, эй борон,
Чу лутфи ёр, эй борон.

## БИМОН БО МАН, АЁ ЭЙ «МАН»

Дуруд, эй «Ман»
Салом, эй «Ман», ки аз ман бехабар ту .
Намесозӣ ба ҳоли ман назар ту.
Вале ман сӯхтам андар ғамат,
эй «Ман»,
Парешон мешавад ҳолам, агар бинам
камат, эй «Ман».
Аҷаб як бевафоӣ ту.
Ва бе ман камнамоӣ, ту.
Барои хотири рӯят,
Барои дидани мӯят,
Барои чашму абрӯят
Шитобон медавам сӯят.
Аё, эй «Ман»,
Худо боре туро бинам
Ба наздат лаҳзае шинам.
Зи лаълат бӯсаҳо чинам.
Ба мисли ёри деринам
Зи оина мадад ҷустам, хушо, эй «Ман»,
шудӣ пайдо,
Туро з-оина чун дидам, шудам худ
ошиқи шайдо.
Чу мехезам зи хоби ноз,
Ба сӯят мекунам парвоз.
Куҷоӣ, «Ман»?
Куҷо охир?
Зи оина баро, охир!
Ва медонӣ, аё эй «Ман»,
Ба мисли ошиқи шайдо равонам ман
ба сӯи ту,
Ки бо ту сӯҳбат ороям.

Худамро бо «Ман» ороям.
Аё эй «Ман»,
Миёни мо шуда оина чун шоҳид,
Барои сӯҳбаторой
Ҳамон оина шуд қосид.
Аё, эй «Ман», туро дидам.
Зи лаълат бӯсаҳо чидам,
Чу бӯсидам, ту бӯсидӣ,
Чу хандидам, ту хандидӣ.
Ҳар он чӣ гуфтамат, гуфтӣ.
Ва чун хуфтам, ту ҳам хуфтӣ.
Аё, эй «Ман», чӣ асроре
Магар з-ин сир хабар дорӣ?
Ҷавобе бар саволи ман?
Нигоҳе кун ба ҳоли ман,
Туро дидам, аё эй «Ман»,
Дар оина туро дидам.
Чаро банди хаёлӣ ту?
Чаро ошуфтаҳолӣ ту?
Чаро хотирпарешонӣ,
Чаро сарсону ҳайронӣ?
Чаро мӯят ба оҳак гашта олуда,
Чаро бар рӯи ту ожанг афзуда?
Чароеву чароеву чароҳо.
Намудам бо ту, эй «Ман», моҷароҳо.
Вале, эй «Ман», ту парвое надорӣ,
Саре дориву савдое надорӣ.
Агарчи сӯҳбати бисёр дорӣ ту,
Фақат ҳарфи маро такрор дорӣ ту.
Маро писханд гӯё мезанӣ, эй «Ман»,
Умедамро ту аз ман меканӣ, эй «Ман»,
Ало эй «Ман»,
Ало эй Ҳазрати Ман.
Туро бисёр мебинам,
Вале аз диданат серӣ надорам.
Лаби баҳру лаби наҳру лаби дарёву
ҳар ҷӯбор
Туро бинам ба сад такрор.
Ва гоҳе

Дар лаби соҳил нишастам, андаруни об
будӣ ту.
Ва гар лабташта ман будам, магар
шодоб будӣ ту?
Аё, эй «Ман»,
Аё эй ман, ки дар обӣ,
Магар ошиқ шудӣ, эй Ман,
Парии об мекобӣ?!
Шиновар гаштаӣ, эй «Ман»
Диловар гаштаӣ, эй «Ман»
Вале бо ин далерият
Чаро метарсӣ ту бе ман?!
Чу рафтам дур аз соҳил, баро, аз об
баро, эй «Ман».
Ало, эй «Ман»,
Туӣ бо ман.
Ва то ман дар ҷаҳон ҳастам,
Бимон бо ман, бимон бо ман.
Чу озодам, ту озодӣ,
Чу ободам, ту ободӣ,
Ту бо ман ҳамнафас бошӣ,
Ту бо ман дар қафас бошӣ.
Ва то ман дар ҷаҳон ҳастам,
Бимон бо ман.
Бизӣ, эй «Ман»!
Миёни мову ту, медон,
Бувад оина саргардон.
Ҳамин оинаи шаффоф,
Ҳамин оби зулолу соф,
Ки омӯзӣ ту аз онҳо
Ҳама софию шаффофӣ.
Мудом шаффоф шав, эй «Ман»
Чу оби соф дав, эй «Ман».
Бимон бо ман
Бизӣ, эй «Ман!!!»

## ТУӢ ОН ЧАШМАИ ИЛҲОМ

Ало ёрам,
Куҷоӣ, ки намебинам туро ман
Куҷоӣ, ки назди ман намеоӣ?
Туро асло намебинам, дилам ҳар дам
кашоли туст.
Куҷоӣ ту?
Биё охир,
Туӣ пайғамбари ишқу баҳори ман,
баҳори ғунчасори ман.
Ало меҳрам,
Ту рафтию надидам рӯзи равшаниро,
Дар оғӯши шаби торе чу масте ҷустам
оғӯшат,
Ҳамон оғӯши гарматро,
Ҳамон ҳастии дунёро…
Чу меҷустам,
Вале афсӯс мехӯрдам, ки суде нест.
…Ва акнун дар хаёлам ҷӯям он андоми
нотакрор,
Ҳамон рӯи латифи оламороро,
Қади чун сарв болоро.
Ба дарёи хаёлот мезанам ғӯта ба ёди ту,
Ба маҷрои хаёли ман намеоӣ,
Намеоӣ, ки бинам ман туро охир,
Ва кош ин дил шавад ором…
Хаёлотам надорад ибтидою интиҳое ҳеҷ,
Туро дидам зи дуриҳо,
Сурудам аз даҳон гардида нопайдо,
Куҷоӣ ту, нигори ман?
Туӣ он чашмаи илҳом!
Биё, охир зи маҷрои хаёлот кун маро
озод,
Биё охир,
Суханҳои маро бишнав.
Пазиро рози ин дилро,
Дили ранҷури Маҷнунро.
Куҷоӣ ту?
Намефаҳмӣ магар имдоди ошиқро?!

Биё, ки шӯълаи илҳоми ман ин
дам шавад рахшон,
Сурудеро ба лаб орам,
Кунам холӣ зи ғам дилро.
Биё, ман интизори ту,
Ду чашмам беқарори ту,
Биё, ки он ғами ишқат ба дӯши ман,
Мисоли ағбаи Анзобу
кӯҳҳои Бадахшон шуд.
Биё кабки хиромонам,
Биё, эй нури чашмонам,
Туӣ сарчашмаи шеъру суруди ман,
Ту ҳастӣ он ҳама буду набуди ман.
Зи ту пайдо ҳаёти ман,
Ҳаёти ман- мамоти ман.
Биё, ман интизорат, гул,
Ду чашмам беқарорат, гул!..

**Марти 1988**

## БО ЁДИ ТУ, ЭЙ НОЗАНИН

Вақте ки мегӯям суруд,
Ёди ту меояд ба сар.
Бо ёди ту, эй нозанин,
Меофарам садҳо асар.

Ҳар гаҳ ки мӯи мушкинат
Гардад ба чашмам ҷилвагар.
Побанди мӯят мешавам,
Эй нозанин, эй лабшакар.

Гоҳе ки рахшон рӯи ту
Бар ёдам ояд чун қамар.
Он шоми зулмот ин замон
Гардад саҳар, гардад саҳар.

Эй гулбадан, ояд ба ёд
Он чашми ҷодуят агар.
Гӯё ки он дам мешавам
Аз ганҷи дунё баҳравар.

Ҳар гаҳ забони ноби ту
Гӯяд ба ман як хушхабар,
Сад мушкиле ояд агар,
Озод гардам аз хатар…

Вақте ки мегӯям суруд,
Ёди ту меояд ба сар.
Бо ёди ту, эй нозанин,
Меофарам садҳо асар.

## АКСИ ДИЛДОР

Замоне бо ҳавас дар рӯи дафтар,
Чу гул тасвир мекардам туро ман.
Чу модар, ки ба тифлаш буд нигаҳбон,
Нигаҳбоне будам гӯё варо ман.

Ҳама он пайкари нозук туро, гул,
Базебу дилситон тасвир мешуд.
Ғами ишқат, ки дилро кард ранҷур,
Ва расми ту ба дил тадбир мешуд.

Замоне буд, бале, рассом будам,
Будам рассоми рӯи ту, нигорам.
Чу хуршеде рухат тасвир мешуд,
Ки равшан мешуд ин дам шоми торам.

Ба наздат ноз мекардам, эё гул,
Ки наққошӣ намудам пайкаратро
Валекин менадидӣ расми худро,
Ва таскин ҳам натодӣ дилбаратро.

Ту рафтиву бимонд андар хаёлам
Ҳамон расму ҳамон наққошиҳоям.
Ва расмат бар ғаму дарди ҷудоӣ
Давое мешавад гӯё бароям.

**1989**

## ХУРШЕД НУР РЕЗАД

Рӯи замини моро,
Ҳам тоқи ин саморо,
Бингар тамоми ҷоро
Бидҳад ҷило гуворо.

Хуршед нур резад,
Бахту сурур резад.

Хуршед хушҷамол аст,
Хуршед бемисол аст.
Донистa гардиши сол,
Хуршед шоҳи сол аст.

Хуршед нур резад,
Бахту сурур резад.

Гоҳе шарар бирезад,
Шаддаи зар бирезад.
Ҳар ҷо зи рӯи хуршед
Ризқи башар бирезад.

Хуршед нур резад,
Бахту сурур резад.

Рақсу суруд орад,
Пайку дуруд орад.
Бо сеҳри нуру гармӣ
Буду набуд орад.

Хуршед нур резад,
Бахту сурур резад.

## МЕҲРИ СИТОРА

Шабонгаҳ, бо дили ғамгин баногаҳ
Саморо бигарам, гӯё нидо кард.
Бо сӯи ман яке истора чун ёр,
Бизад чашмак ба сӯи худ ибо кард.

Дили ғамгини ман гардида шодон,
Зи даъватҳои пурмеҳри ситора.
Ба ман гуфто дили ғамгинам он дам:
«Бихон аҳсан ба ин меҳри ситора»

Бувад истора гарчи дур аз мо,
Валекин меҳри ӯ пайванди ҷон аст.
Агар чашмак занад бо меҳр моро,
Сафобахшандаву роҳатрасон аст.

**Соли 1987**

## СУРУДИ ҶАВОНОН

Эй меҳани мо, ки Тоҷикистонӣ,
Ҳам ҳомии мақсади ҷавононӣ.
Дорем ҷавонӣ дар канори ту,
Фарзанди туему модари ҷонӣ.

Дар ҳалқаи созмон ҷавононем,
Мо насли ҷавони Тоҷикистонем.

Ҳар як нафасе бувад фидои ту,
Якҷо шуда дар таҳи ливои ту.
Моем парастуи фазои ту,
Ҷону дилу дидаҳо фидои ту.

Дар ҳалқаи созмон ҷавононем,
Мо насли ҷавони Тоҷикистонем.

Созад ҳама ифтихори аҷдодӣ,
Кӯшад ҳама баҳри сулҳу ободӣ.
Мо ёру бародарему аз шодӣ
Ҳар лаҳза ба лаб суруди озодӣ.

Дар ҳалқаи созмон ҷавононем,
Мо насли ҷавони Тоҷикистонем.

## ТӮЙИ ФАРЗАНД

Эй дӯст, биё, ки муждаи тӯй омад,
Шодиву сурури мо зи ҳар сӯй омад.
Имрӯз дар ин туй зи ҳар гулзоре
Сад булбулу тӯтии сухангӯй омад.

Ин хатнаи фарзанд муборак бошад!
Шодии ҷигарбанд муборак бошад!

Бин, ҷомаи тӯёна ба бар дорад ӯ,
Ин тоҷу кулоҳи шаҳ ба сар дорад ӯ.
Эй кош, ки номовари авлод шавад,
Аз бахти накӯи худ хабар дорад ӯ.

Ин хатнаи фарзанд муборак бошад!
Шодии ҷигарбанд муборак бошад!

Фарзанди шумо бузургу дилшод шавад,
Монанди падар шахси худодод шавад.
Имрӯз ҳама дасти дуо бикшоем,
Пайванди шумо пагоҳ домод шавад.

Ин хатнаи фарзанд муборак бошад!
Шодии ҷигарбанд муборак бошад!

## ГУЛДУХТАРИ ДУШАНБЕ
**(Тарона)**

Духтари шӯху зебо,
Бо ҷилваи дилоро,
Бо макру сеҳру ҷоду
Дилро барӣ ту аз мо.

Гулдухтари Душанбе,
Зебу фари Душанбе.

Эй, ки тамом нозӣ,
Дилро ту мегудозӣ.
Бо нозу бо карашма
Дорӣ ту сарфарозӣ.

Гулдухтари Душанбе,
Симу зари Душанбе.

Бар рақс чун дарой,
Парвоз менамоӣ.
Монандаи фаришта
Гӯё ту дар ҳавоӣ.

Гулдухтари Душанбе,
Эй кафтари Душанбе.

Ман ошиқам ба рӯят,
Мастам зи бӯи мӯят.
Эй он ситораи бахт,
Оям ба ҷустуҷӯят.

Гулдухтари Душанбе,
Ай ахтари Душанбе.

## ШАРОБИ ИШҚ
***(Ғазалгуна)***

* * *

Ай офтоби тобон, бишнав саломи моро,
З-ин хок то ба кайҳон бишнав саломи моро.
Ай тӯтии шакарлаб, ай мурғаки дами шаб,
Ай булбули хушилҳон, бишнав саломи моро.
Ай соҳибони маҳфил, ай ҷони мову ай дил,
Ай соқии дурафшон, бишнав саломи моро.
Дар дастҳо чағона, лабҳо пур аз тарона,
Ай маҳваши хиромон, бишнав саломи моро.
Ай заргари Зарафшон, ай куҳкани Бадахшон
Ай халқи Тоҷикистон, бишнав саломи моро.
Чун мужда баҳри ушшоқ гардид ҳарфи Раззоқ,
Ай ишқ, ай дилу ҷон, бишнав саломи моро.

* * *

Номи некат дар забонам ҳар куҷо бошӣ, падар,
Орзуям то абад дар назди мо бошӣ, падар.
Дидаӣ бас неку бад, пасту баландии ҳаёт,
Аз барои зиндагӣ мушкилкушо бошӣ, падар.
Лаҳзае гар нестӣ, бемори дидори туем,
Дарди фарзандони худро чун даво бошӣ, падар.
Давлати пирии ту- ин сарвати афзун бувад,
Аз ҳама ранҷу азобу ғам раҳо бошӣ, падар.
Дасти оминат кушоӣ, чеҳраат гул мекунад,
Эй Худоё, ҳар қадам кони дуо бошӣ, падар.
Абдураззоқат сухангӯй аст ҳамчун бандаат,
Баҳри ман дар зиндагӣ ҳамчун Худо бошӣ, падар.

* * *

***Ту монанди замин танҳоӣ, модар,***
***Ту монанди замин яктоӣ, модар.***

***Лоиқ***

Худо яктову ту яктоӣ, эй модар.
Бароям аз ҳама болоӣ, модар.
На молеву на дунё мепарастам ман,
Барои ман ту худ дунёӣ, эй модар.

Зи батни туст оғози ҷаҳони ман,
Ту худ созандаи фардоӣ, эй модар.
На ман афтодарӯҳи зиндагониям,
Барои ман ту руҳафзоӣ, эй модар.
Худоворӣ ту мебахшӣ гуноҳонам,
Ту шояд бо Худо ҳампоӣ, эй модар.
Манам қурбони Раззоқе, ки ӯ гуфта:
Ту яктоиву ту танҳоӣ, эй модар.

* * *

Ало модар, ало модар, бигирям,
Ба ҳоли худ ба чашми тар бигирям.
Мадори рафтани сӯят надорам,
Манам бемору дар бистар бигирям.
Зи дарди ҷонгудозе то насӯзам,
Чу меғе ман зи дарди сар бигирям.
Сарам чун косаи май пур шуд аз хун,
Зи ашкам дида шуд соғар, бигирям.
Даво бошад ба дардам ишқи ҷонон,
Ба ёди меҳри он дилбар бигирям.
Бурун то ғуссаву дарди дил орам,
Мисоли хома бар дафтар бигирям.
Ало Раззоқ, шукри ҳар атоят,
Чу меҳмонат дар ин чодар бигирям.

* * *

Ҳар касе бошӣ, азизам, ҳарфи моро ёд кун,
Масту бехуд гаштаӣ, боре Худоро ёд кун.
Чун шудӣ меҳмони хоне, соф бинмо қалби худ,
Ҳар қадам, ҳар ҷо ту хони кадхудоро ёд кун.
Бар намак кардан хиёнат, роҳ сӯи дӯзах аст,
Аз хиёнат дур шав, бори қазоро ёд кун.
Бо дурӯғу тӯҳмату ғайбат чаро овораӣ,
Кинаро аз дил бирон, рӯзи бақоро ёд кун.
Мебарӣ амволи мардум, ризқи эшон мезанӣ,
Гӯрро андеша бинмову ҷазоро ёд кун.
Панди Раззоқи суханвар бар ту хуш ояд, хуш аст,
Бехудиро дур партову Худоро ёд кун.

* * *

Рози дили пурармон гӯям ва ё нагӯям?
Ғамҳои дил ба ёрон гӯям ва ё нагӯям?
Ку меҳри ошиқона, ку рақсу ку тарона,
Аз сӯзи дил ба ҷонон гӯям ва ё нагӯям?
Моҳӣ ба қаъри дарё дорад фиғон, Худоё,
Ин наъраҳои пинҳон гӯям ва ё нагӯям?
Мӯҳри хамушӣ дар лаб, дар кор мисли маркаб,
З-ин мушкилоти инсон гӯям ва ё нагӯям?
Раззоқ, бемисолӣ, шореҳи сирру ҳолӣ,
Асрори сӯзиши ҷон гӯям ва ё нагӯям?

* * *

Дилдор, ой, дилдор, ой,
Андар дили бемор ой.
Якдона ту, афсона ту,
Мастона ту, ҳушёр ой,
Ман масти ту, побасти ту,
Дар шасти ту, айёр, ой.
Танҳо марав, бе мо марав,
Эҳдо шунав, ай ёр, ой.
Роҳи ту дур, лаълат чу дур,
Рухсора нур, бар тор ой.
Дил гашта хун, ҳолам забун,
Кардӣ ҷунун, маккор, ой.
Фикрам туӣ, зикрам туӣ,
Бикрам туӣ, дилдор, ой.
Хандида ой, ларзида ой,
Печида ой, чун мор ой.
Девонаам, бегонаам,
Вайронаам, меъмор, ой.
Раззоқ ман, муштоқ ман,
Наттоқ ман, ашъор ой.

* * *

***Мо дар ду ҷаҳон ғайри Худо ёр надорем,***
***Мо ҷуз ғами ӯ ҳеҷ дигар кор надорем.***
***Шамси Табрезӣ***

Дар ҳалқаи ёронаму ман ёр надорам,
Ҳам ошиқи шайдояму дилдор надорам.
Ҳар як нафасе ёди худоям ба сар ояд,
Ҷуз зикри Худо гуфтану гуфтор надорам.

Бар захми дили банда табибе ба ҷаҳон ку,
То амри Худо нест, шифокор надорам.
Рӯшан шавад ар синаам аз нури илоҳӣ,
Гӯӣ, ки дигар ҳеҷ шаби тор надорам.
Сад мор агар заҳр занад, ҳеҷ нанолам,
Бар душмани худ гул диҳаму хор надорам.
Аз рӯзи азал банда ба Раззоқи ҷаҳонам,
Фармуди Худо нест, чу гуфтор надорам.

* * *

Ба ҷаҳони пур зи ғавғо сари пур зи шӯр оем,
Зи гили сиёҳу аммо дили пурғурур оем.
Зи нигоҳи тирадилҳо шуда тор олами мо,
Басаре ба сар чӣ лозим чу ба қалби кӯр оем?!
Ба мисоли барқ гӯё бизанем чашмаку бас,
Зи гулӯи батни модар ба даҳони гӯр оем.
Зи пайи насиби ҳар кас шабу рӯз банди меҳнат,
Ҳама бехабар, ки рӯзе чу ғизои мӯр оем.
Зи азоби нор моро ба паноҳи худ бигирӣ,
Ба тараҳҳуми ту, Раззоқ, ҷаҳони нур оем.

* * *

Эй банда, ҳамедон ту, ки дилбанди Заминӣ.
Аз хоки сиёҳиву ту пайванди Заминӣ.
Шаҳбозсифат гарчи саморо ту бигардӣ,
Аз рӯзи азал дон, ки ту побанди Заминӣ.
Ҳарчанд, ки аз пушти падар омадӣ осон,
Зинҳор ту пиндор, ки фарзанди Заминӣ.
Дар рӯи замин саҷда намо хоки сияҳро,
Афсӯс, ки ғофил ту аз ин панди Заминӣ.
Раззоқ бифармуд, агар донӣ ту қадраш,
Фарзанди сазовору шарафманди Заминӣ.

* * *

Бар машоми одам ояд ҳар замон бӯи аҷал,
Ноаён бошад барои бандагон рӯи аҷал.
Вақти мурдан дод мегӯем: аҷал омад, валек
Бо фиреби зиндагӣ оем худ сӯи аҷал.
Банда гарчи ғарқи мотам мешавад рӯзи вафот,
Зери гардун ин замон барпо шавад тӯи аҷал.

Амри тақдир аст моро мебарад бар неку бад,
Зиндагӣ чавгону мо бошем чун гӯи аҷал.
Ин замон ҳарчанд омӯзем макри зиндагӣ,
Боз таслимем мо бар сеҳру ҷодуи аҷал.
Абдураззоқо, шавӣ аз зиндагӣ рӯзе ҷудо
З-он, ки гардидаст ошиқ бар ту бонуи аҷал.

* * *

Худоё, ҷони ман бодо фидоят,
Шабу рӯзон бинолам аз бароят.
Чу гоме нохалаф бигзорам ин дам,
Ба қисмат тан диҳам рӯзи ҷазоят.
Аз ин дунё тамаъ дар дил надорам,
Ту рӯҳам шод бинмо аз бақоят.
Суханҳоям зи фармуди ту ояд,
Намоям саҷда андар ин сахоят.
Бузургтар аз бузургони ҷаҳонӣ,
Ҳама таъзим созад пеши поят.
Каломи бандагии Абдураззоқ
Бувад ночиз ҳарфе дар саноят.

* * *

Гарчи муслимдухтарӣ, рафтори кофар мекунӣ,
Нохалаф гӯяд сухан, аз чӣ ту бовар мекунӣ?
Худситоӣ мекунӣ, гарчи ту побанди касе,
Бар ту хуш ояд, вале исёни дигар мекунӣ.
Зодаи хокиву зери хок манзил бошадат,
Лек мебинам назора сӯи ахтар мекунӣ.
Мӯйбофиро фаромуш карда, қайчӣ мезанӣ,
Назди Ҳақ мӯи кушодат зери чодар мекунӣ?
Рӯву лабро ранг бинмудӣ, ки зеботар шавӣ,
Зоғро гӯё ба рангу бор кафтар мекунӣ?!
Назди номаҳрам нишинӣ боз меболӣ аз он,
Ин ҳама корат хилофи шаъни духтар мекунӣ.
Аввало адеша кун, ки муслимӣ ё кофарӣ,
Пеш аз он ки мисраи Раззоқ азбар мекунӣ.

* * *

Он чӣ ба дида дидам, бар ту ҳамон бигӯям,
Чун шоҳиди замона дарди замон бигӯям.
Гар ишқ пок бошад, шеър аст зодаи он,
Шеъри тарабфизоро бар ошиқон бигӯям.

Тири нигоҳи ҷонон бар сина рахна дорад,
Ҷонам фидои тири абрукамон бигӯям.
Шеърам нидои қалбу ҳампои пиру барно,
Ашъор аз барои хурду калон бигӯям.
Пурсӣ ҳадиси Раззоқ аз чист марҳами ҷон?
Донӣ, ки ҳар суханро аз мағзи ҷон бигӯям.

* * *

Назди ошиқ бевафоӣ хислати мардона нест,
Содири ҳар як хатое хислати мардона нест.
Бо дуои модар ин дам соҳиби давлат шудӣ,
Кардан аз модар ҷудоӣ хислати мардона нест.
Гар шавӣ аз ақл бегона миёни одамон,
Ҷустан аз мастон давое хислати мардона нест.
Худсарона рафтану ҳам даргирондан оташе
Байни ҳар як моҷарое хислати мардона нест,
Худ, ки ҳоло соҳиби мансаб шудӣ, андеша кун,
Таъна кардан ба гадое хислати мардона нест.
Оби ҳар як ҷӯйро тира намудан назди худ
Гар ки бошад он сафое, хислати мардона нест.
Абдураззоқ аз дилу ҷон панд гӯяд, гӯш кун,
Панд гуфтан бо хатое хислати мардона нест.

* * *

Ҳама дарди замон гуфтан нашояд,
Ба сар ғам ояд, ошуфтан нашояд.
Зи даргоҳи Худо ризқ, ар бихоҳӣ,
Саҳаргоҳон, дило, хуфтан нашояд.
Бихоҳӣ гар дарат ором бошад,
Дареро бесабаб куфтан нашояд.
Умеди некӣ аз бадкеш ҷӯӣ?
Зи кони мис гуҳар суфтан нашояд.
Мисоли саг зи ишқи устухоне,
Ба хоне беталаб рафтан нашояд.
Зи лаҳни тӯҳмату ғайбатпарастон
Ҳуруферо пазируфтан нашояд,
Нафаҳмад банда гар ҳарфи ту, Раззоқ.
Азон бар гӯши хар гуфтан нашояд.

* * *

Мусулмонон, мусулмонон, фақирам,
Ки даргоҳи фақиронро амирам.
Худоё, аз чӣ дар тахти амирӣ
Ба ишқи шоҳдухти ғам асирам?!
Зи дониш дар канора чун мусофир,
Ғарибии илм, мӯҳтоҷи дабирам.
Замона бо тиҳимағзон чӣ созад?
Ман аз эшон чӣ дастуре бигирам?
Чу ташна дар биёбон об ҷӯяд,
Зи нозоговакон ҷӯёи ширам.
Худовандо, зи лаҳни бандагонат
Ҳуруфи нохалаф ояд чу тирам.
Бародар ташнаи хуни бародар,
Ки ҷон аз дасти даврон гашта серам.
«Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам»,
Зи тири ошно рӯзе бимирам.
Ба зарби зиндагӣ ҷисмам шуд испор,
Чу моҳӣ нолаҳо андар замирам.
Ало Раззоқ, раҳми банда мекун,
Ки гӯши арш бишнид ин нафирам.

* * *

Ҳамчу занбӯр агар сайри чаманзор кунам,
Ҳама гулро хабар аз шаҳди гули ёр кунам.
Чӣ суд аз он, ки ба сад нағма сарояд булбул?
Ҳар замон гӯш ба он лаҳни шакарбор кунам.
Ба ҳазор макр агар домани гул доғ гирифт,
Ҳама таҳсини худ аз покии гулхор кунам.
Зоҳиди маст чу аз майкада масҷид ояд,
Ман на онам, ки фақат такя ба дастор кунам.
Рост бар Арш равад рӯзаам, ар моҳи сиём.
Ба шароби лаби ҷонон, агар ифтор кунам.
Шоири ҳандасиям, оҷизе дарназди қалам,
Ҳамчу наққошаму худ хизмати паргор кунам.
Балки наққоши азал бошӣ ту, эй Раззоқо,
Ҳама дам саҷда ба ин гунбади даввор кунам.

* * *

Ҳайфи шахсе, ки агар даъвии мансаб мекунад,
Аз пайи мансаб хилофи кори мазҳаб мекунад,
Зиндагияшро зи хуни қалби мардум дода ранг,
То шавад рӯзаш мунаввар, рӯзи мо шаб мекунад.
То чу шайтон ҷой гирад дар рагу шарёни мо,
Ҳар ҷунунеро ба худ устоду мактаб мекунад.
Гарчӣ бо нӯги забон пурсад ғами бечорагон,
Худпарастӣ то абад бар хеш матлаб мекунад.
Аҳли меҳнат дар азобу раҳбаре дар баҳси ҷой,
Ризқи мардумро чу заҳри мору ақраб мекунад.
Эй, ки мансабро парастиш мекунӣ, донӣ маро, -
Абдураззоқи сухангӯ саҷдаи Раб мекунад!

* * *

Бар миллати мо тулӯи Ваҳдат омад,
Бишкуфта чаман, нумӯи Ваҳдат омад.
Бошад самараш сулҳу сафо бар кишвар,
Ҳам шарбату шири ҷӯи Ваҳдат омад.
Монандаи чакраҳои борон гӯё,
Тоҷик ҳама ҷо ба сӯи Ваҳдат омад.
То кишвари тоҷик ба сомон омад,
Ин пайки накӯ зи кӯи Ваҳдат омад.
Эй миллати ман, суруди Ваҳдат мехон,
Шодиву нишоту тӯи Ваҳдат омад.
Бишкуфта гули умеди мо бар сина,
Аз ҳарфу ҳадис бӯи Ваҳдат омад.
Раззоқ бубин суруди Ваҳдат дар лаб,
Сархуш ҳама аз сабӯи Ваҳдат омад.

* * *

Ҳар лаҳза гӯям аз дил ҷонам фидои Ёрӣ,
Гар шодию ғаме шуд, ман ҳамнавои Ёрӣ.
Ҳар ҷо ки меравам ман, ҳар кас ки мешавам ман,
Ин дил ҳамеша хоҳад обу ҳавои Ёрӣ.
Дар байни сад париваш хушҳоламу валекин
Манро намуда мафтун он хушлиқои Ёрӣ.
Ғарқе шавам ба гавҳар, фахре намекунам ман,
Хурсанд мешавам, гар бошам гадои Ёрӣ.

Таъзим макунам ман дар назди ҳар мазорат,
Моро шумо нигаҳбон, эй Хоҷаҳои Ёрӣ.
Ҷовид кай бимонад шеъре, ки ман сурудам,
Шеърам бақо намояд маҳзи бақои Ёрӣ.
Раззоқ гӯяд аз дил васфи диёри худро,
Ашъори кӯчаки ман бошад садои Ёрӣ.

* * *

Дилам тору зиёбахши дилам ту,
Ҳама ҳусни макону манзилам ту.
Шабе ороям ар маҳфили ишқат,
Биё, ҷоно, чароғи маҳфилам ту.
Ба дарёи муҳаббат мешавам ғарқ,
Наҷотам деҳ зи тӯфон, соҳилам ту.
Басо ашъори нокомил сурудам,
Ҳама ҳарфу суруди комилам ту.
Барои ишқбозони замона
Зи ишқам қисса гӯӣ, ноқилам ту.
Зи дарди ишқ мирад Абдураззоқ,
Туро дилдор гуфтам, қотилам ту.

* * *

Дар ҷавонӣ бо нигоре дар тараб хоҳам будан,
Дар канори гарми ӯ ҳар рӯзу шаб хоҳам будан.
Аз ҳама бемориам андар ҳазар, лекин мудом
Ман зи дарди ишқи ёр дар тобу таб хоҳам будан.
Гарчи месӯзам зи ишқи маҳваше, гоҳе ба ӯ,
Бишканад то ташнагиям, лаб ба лаб хоҳам будан.
Ошиқӣ гарчи гуноҳе аст назди муслимин,
Ҳар гуноҳи ошиқиро дар талаб хоҳам будан.
Абдураззоқ, ошиқиву гуфтаӣ ашъори тар,
Беҳ зи шеъри ошиқӣ қурбони Раб хоҳам будан.

* * *

Дар рӯи замин гавҳари яктост Душанбе.
Дарвозаи хуршед ба дунёст Душанбе.
Сомонӣ варо зебу фари хуш бифизояд,
Имрӯз Самарқанду Бухорост Душанбе.
Меҳраш ба дили хурду бузургон шуда маскан,
Ҳам хонаи уммед бари мост Душанбе.

Ҷаннатсифат имрӯз хиёбонашу боғаш,
Чун боғи Ирам дилкашу зебост Душанбе.
Ин шаҳри камолоту ҷавониву муҳаббат
То умр бувад, дар дили мо ҷост Душанбе.
Гаҳвораи ваҳдат шуду сулҳовари миллат,
Меҳровару пурфайзу гуворост Душанбе.
Раззоқи сухангӯй сароянд зи дили шод:
Арзандаи ҳар фахру таманност Душанбе.

* * *

Гаштаам муштоқи ёру рӯи ёронам, чӣ шуд?
Гаштаам худ пойбанди дарди ҳиҷронам, чӣ шуд?
Зери гардун гарчи худ хомӯш мегардам, вале
Дил кунад овоз сӯи модари ҷонам, чӣ шуд?
Дар миёни сабзаю гул рақсу бозӣ мекунам,
Дур гардидам вале аз лолазоронам, чӣ шуд?
Дил миёни дилбарон ҳарчанд бозӣ мекунад,
Боз мегӯяд, ки ман дар ёди ҷононам, чӣ шуд?
Ҷой дорам андаруни чашмасарону вале
Ташнаам ман, ташнаи оби Зарафшонам, чӣ шуд?
Абдураззоқ аст худ дур аз диёри Ёриаш,
Пас чӣ мепурсӣ зи ҳиҷрон, дидагирёнам, чӣ шуд?

* * *

Аҷаб шаҳри шукуфонӣ, Самарқанд,
Дар оғӯши гулистонӣ Самарқанд.
Туро гарчи қадимӣ ном гиранд,
Ҷавоне бо ҷавононӣ, Самарқанд.
Чӣ хуш бо гулрухон дорӣ тароват,
Ту балки ҷону ҷононӣ, Самарқанд.
Ба дида молам он хоки муборак,
Қадамгоҳи азизонӣ, Самарқанд.
Ба гӯри Миру Регистону Шердор
Равам ҳар дам ба пазмонӣ, Самарқанд.
Зарафшон гар туро шодоб созад,
Ту хуршеди Зарафшонӣ, Самарқанд.
Зи Ёрӣ Абдураззоқе ба васфат,
Суруда шеъри осоне, Самарқанд.

* * *

Басе мардум ба ғавғо, ин чӣ ҳол аст?
Ҳаме побанди савдо, ин чӣ ҳол аст?
Ба ҷуз савдогарон пиру ҷавонро
Дилаш монда зи дунё, ин чӣ ҳол аст?
Яке сарсон, дигар ҳайрону раҳгум
Куҷо роҳи давоҳо, ин чӣ ҳол аст?
Ба гардун мерасад оҳи дили мо
Аз ин нарху навоҳо, ин чӣ ҳол аст?
Аҷаб, ки қадри одам паст гардид,
Надонам қадри худро, ин чӣ ҳол аст?
Ба шеъри кӯчаки худ Абдураззоқ
Бигӯяд дарди дилҳо, ин чӣ ҳол аст?

* * *

***Пой дар гил менихӣ, аз захми хор андеша кун***
***Шамси Табрезӣ***

Пой бар дӯкон барӣ, аз кисаҷон андеша кун,
Даст бар чизе барӣ, аз нархи он андеша кун.
Доллару пулҳои русу тоҷику узбак фузуд,
Пул иваз кардан шавӣ, аз қурби он андеша кун.
Назди раҳбар чун дароӣ аз барои ёрие,
Аз дари пӯшида ё аз посбон андеша кун.
Гӯямат, эй навҷавон, гар шаҳри дигар меравӣ,
Аз назораткориҳои афсарон андеша кун.
Дузд аз шабзиндадорӣ моли мардум мебарад,
Зинҳор аз шабравии нокасон андеша кун.
Чун шавӣ гоҳе гурусна, ёди ноне гар кунӣ,
Ҳар замон аз обу кишти деҳқон андеша кун.
Абдураззоқат туро панде диҳад, бар гӯш гир:
Душманонро бок не, аз дӯстон андеша кун.

* * *

Шукри он дорам, нафасгирӣ ба дунё бепул аст.
Ҳам тамошо кардани Моҳу Сурайё бепул аст.
Қиматӣ асло нагардад садди роҳи нафси мо,
Доиман ғам мехӯрем, аз он ки ғамҳо бепул аст.
Ҷустани роҳи давои дарди дил бепул чӣ суд?
Рози дилро холӣ бинмудан ба ҳар ҷо бепул аст.

Ҳамчу занбӯри асал аз шаҳди гул кардам умед,
Лек гул гуфто ба ман: танҳо тамошо бепул аст.
Чун чашиданҳои шаҳди зиндагӣ афсона шуд,
Баҳра бурданҳо зи ҳарфи марди доно бепул аст.
Абдураззоқо, дар ин мулки пулободи дудар
Чун тасаллӣ баҳри мо ин байти Савдо бепул аст.
«Гарчи пулдорист дар олам маноти эътибор,
Ғам махӯр аз бепулӣ, Бепул, ки дарё бепул аст».

* * *

Замину осмон қимат шуд имрӯз,
Ҳама моли ҷаҳон қимат шуд имрӯз.
Саломе ҳам намеоранд мардум,
Саломи одамон қимат шуд имрӯз.
На хӯрдан метавонию на шустан,
Чи собуну чи нон қимат шуд имрӯз.
Зи ошиқ бӯса бигрифтан чи мушкил,
Лабу рӯю даҳон қимат шуд имрӯз.
Фироқи дилбарон бисёр гардид,
Нигоҳи дилбарон қимат шуд имрӯз.
Ало Раззоқ, ҳарферо ба лаб ор,
Суруди ошиқон қимат шуд имрӯз.

* * *

Эй ҷони ман, ту ҳастӣ масти ҷамоли доллар
Шому сабо ҳамеша андар хаёли доллар.
Ҳай медавӣ ба ҳар сӯ, хоку замин надонӣ,
Парвоз менамоӣ гӯё ба боли доллар.
Ғофил зи ҳоли ёрон, меҳре туро намонда,
Ҳар дам хабар бигирӣ аз қурбу ҳоли доллар.
Эй он ки рафтӣ аз худ, меҷӯ худои худро,
Надҳанд рӯзи мурдан аз ту саволи доллар.
Номусу нанги худро арзон ҳаме фӯрушӣ,
Рӯзе агар бубинӣ маргу заволи доллар.
Бо роҳи макру ҳила долларшумор бошӣ,
Бар сӯи аҳли заҳмат ояд шамоли доллар.
Раззоқи ишқбунёд хоҳад диёру ёраш,
Ёди висоли ҷонон беҳ аз висоли доллар.

* * *

Чӣ ҷаҳоне ҷаҳони компутар,
Даври мо шуд замони компутар.
Дар талоши висолаш афтода
Ҳар куҷо ошиқони компутар.
Дорад андар замир асроре
Хотироти ниҳони компутар.
Бас нуҳуфта зери ҳар тугма
Рамзҳову нишони компутар.
Аз навораш бихонӣ бенуқсон
Ҳар калому баёни компутар.
Бо назокатҳо сухан гӯяд,
Гар бидонӣ забони компутар.
Лек бишнав ту ҳарфи Раззоқе:
Одамӣ ҳаст ҷони компутар.

* * *

Ҳар лаҳза дили покам шайдои ҷавонӣ аст
Дунёи дилам ғарқи дунёи ҷавонӣ аст.
Ин фасли баҳори умр, ин фасли гулафшонӣ,
Умеди дил-ин рамзи фардои ҷавонӣ аст.
Гар ишқу вафо набвад, маънии ҷавонӣ ку?
Дилбозию дилҷӯӣ маънои ҷавонӣ аст.
Гулро чӣ тароватҳо айёми баҳору пас
Дар фасли хазони худ ҷӯёи ҷавонӣ аст.
Ҳар қисмати умри мо суратгари мо бошад,
Симои хуши инсон симои ҷавонӣ аст.
Чашмони ҷавониям шодоб зи ҳусни ёр,
Дил бандии чашмони бинои ҷавонӣ аст.
Умеди расиданҳо дорем ба пириҳо,
Андар сари ҳар пир савдои ҷавонӣ аст.
Раззоқ, ҷавонӣ кун, ошиқ шаву эҳдо кун,
Эҳдои дили ошиқ эҳдои ҷавонӣ аст.

* * *

Мерасад бар гӯшам аз саҳни дабистон хайр, хайр
Ҳар яке гӯяд кунун гирёну нолон хайр, хайр.
Ҳамчу оташ аз дарун сӯзад дили омӯзгор,
Чун бигӯяд булбуле аз боғи ирфон хайр, хайр.
Имтиҳони зиндагӣ оғоз мегардад кунун,
Мекунанд аз санҷиши омӯзгорон хайр, хайр.

Занги аввал булбулонро гарчи якҷо оварад,
Занги охир мекунад акнун парешон, хайр, хайр.
Наъраи занги Камолот аст андар гӯши мо,
Мактаби мо рафт, Раззоқе, ба поён хайр, хайр.

* * *

Аз ин дунёи макробод бигзашта ҷавониям,
Гаҳе ғамгину гоҳе шод, бигзашта ҷавониям.
Басе овора гардидам зи ишқи бевафои ёр,
Зи боғи ошиқон чун бод, бигзашта ҷавониям.
Аз ин дарду аз ин ғамҳо, ки маскан дар ҳаёти мост,
Гаҳе побанду гаҳ озод бигзашта ҷавониям.
Даруни дил буда пинҳон басо уммеду армонҳо,
Магар ки он равад барбод? Бигзашта ҷавониям.
Зи баҳри шеъри оламгир шодоб аст дил гӯё,
Вале лабташна чун Фарҳод бигзашта ҷавониям.

* * *

Имрӯз дили зор чу меҳмони ту бошад,
Аз ҳусни худододи ту ҳайрони ту бошад.
Зеботарӣ аз шеду мунаввар кунӣ шомам,
Маҳро ҳама рашк аз рухи тобони ту бошад.
Чун боғи Ирам хоҳаму з-он мева чашидан,
Дандони ману себи занахдони ту бошад.
Зоҳидсифате ҷониби масҷид биравам гар,
Саҷҷодаи ман давраи домони ту бошад.
Бар дастам агар ҳалқаи тасбеҳ бигирам,
Дастони ману чоки гиребони ту бошад.
Гар Хизр шавам, оби ҳаёт аз чӣ бинӯшам,
Андар лабам ар обаки ҳайвони ту бошад.
Ҳар кас, ки шаҳиди раҳи васли ту бигардид,
Овехта бар зулфи парешони ту бошад.
Ин дил, ки абад дар ғами ишқи ту фитода,
Ранҷур аз он найзаи миҷгони ту бошад.
Гесӯи ту мушкин ба мисоли шаби ялдо,
Доғи дили ман мӯи шабистони ту бошад.
Бар ханда агар майл кунад он лаби гулранг,
Гулшан чу ғуломи лаби хандони ту бошад.
Чашмони маро ҳеҷ надонист, чӣ ҷӯяд,
Ҷӯёи ду чашмони гурезони ту бошад.

Чун сарвқадон лоф зананд аз қади боло,
Гуфтори ҳама сарви намоёни ту бошад.
Бежан, ки асире шуда аз он ишқи Манижа,
Имрӯз дилам бандии зиндони ту бошад.
Бингар, ҳама доро чу гадоянд ба васлат,
Медон, ки ҳамон тахти Сулаймони ту бошад.
Юсуфсифатӣ, балки ту бошӣ на кам аз ӯ,
Хоки гили Ёрӣ ҳама Канъони ту бошад.
Раззоқ ба ширинсуханӣ лоф чӣ созад?
Ин зарра зи кони шаккаристони ту бошад.

* * *

Эй ки ҳар соату ҳар лаҳза лабам зори лабат,
Ҷигарам обу лабам ташнаи дидори лабат.
Лаби ширини ту аз бӯсагул обод шуда,
Гул бичинам ҳама дам аз гулу гулзори лабат.
Мисли занбӯри асал мемакам аз шаҳди гулат,
Асали бӯса шуд эҷоди ҳама кори лабат.
Ҳар чи аз дору надорат бари ман бинмоӣ.
Дили ҳангоматалаб боз талабгори лабат.
Гарчи ман ғарқаи симу зари ҳуснат бошам,
Шудаам боз гадои дари бозори лабат.
Тӯтию булбулу бедона ҳама лол шуда,
Сабақи ҳарф бигиранд зи гуфтори лабат.
Теғи дандони худ аз бӯсагаҳат об диҳам,
Тири ҳар бӯсаи ту- оини куштори лабат.
Буда бас сирри ниҳон дар лаби лабҳои лабат,
Бо яке бӯса кушудам ҳама асрори лабат.
Бандаам, банда ба Раззоқ, ки хуш фармуда:
Лаби ман ёри лабат, ёри лабат, ёри лабат.

* * *

Чӣ хуш бар одамӣ дунёи фарзанд,
Сафо бахшад ба дил симои фарзанд,
Зи дилбандаш бифахрад одамизод,
Бинозад аз қади болои фарзанд.
Бигардад пора- пора қалби модар,
Халад гар хораке бар пои фарзанд.
Бар фарзандӣ бихонад кас касеро,
Вале холӣ бимонад ҷои фарзанд,

Давоми умри аҷдодаш бигардад,
Гулафшон бошадо фардои фарзанд.
Ало Раззоқи олам, ҳар дареро
Бикун арзонӣ аз ғавғои фарзанд.

* * *

Сутуни хонадон оре, зану шавҳар, зану шавҳар,
Фурӯғи ин ҷаҳон оре, зану шавҳар, зану шавҳар.
Зи меҳри ҳарду мерӯяд гули меҳру муҳаббатҳо,
Баҳори гулфишон оре, зану шавҳар, зану шавҳар.
Бувад ҳастии оила барои бахти пайвандон
Ҳамеша ҷовидон оре, зану шавҳар, зану шавҳар.
Ҳамеша болад аз фарзанд - зи нахлу меваи умраш,
Мисоли боғбон оре, зану шавҳар, зану шавҳар.
Зи даври Одаму Ҳавво бувад оини оила,
Шукӯҳи ҳар замон оре, зану шавҳар, зану шавҳар.
Зи Раззоқ омад ин эҳдо, ки оила бувад барпо,
Зи офат дар амон оре, зану шавҳар, зану шавҳар.

* * *

Шаби хурсандӣ, эй домод, табрик,
Шаҳӣ бар қомати шамшод табрик.
Арӯси нозанин, шоми муродат,
Зи базму шодӣ шуд обод, табрик.
Ду авлоде, ки пайвастед бо ишқ,
Шаби шодӣ ба ду авлод табрик.
Зи файзи ишқ дар боғи муҳаббат,
Бишуд оилае бунёд, табрик.
Шуморо тахти шоҳӣ, бахти воло
Ало ҷуфти хушу дилшод, табрик.
Ба шавқе омада ҷумла азизон,
Хушо, рӯзи тарабобод, табрик.
Мисоли тӯҳфаи тӯёна ин дам
Зи Раззоқ омад ин эҷод, табрик!

* * *

Эй шаҳ, ба ту ёракат муборак бошад,
Моҳи шаби торакат муборак бошад.
Эй тозаарӯси бахт, ин шом туро
Шаҳмарди каноракат муборак бошад.

Ин тӯй, ки пайвастани ду авлод аст,
Бар хешу таборакат муборак бошад.
Ҳар рӯзат аз ин рӯз фузунтар гардад,
Шодии қаторакат муборак бошад.
Бар аспи мурод бахти ту гашта савор,
Ин бахти саворакат муборак бошад.
Раззоқи сухан зи шодӣ пайғомат дод:
Ин шоми муборакат муборак бошад!

* * *

Айёми баҳор омаду боғу чаман шукуфт,
Саҳро шукуфту ёлаву ҳам ёсуман шукуфт.
Пайғоми баҳор омаду пеши нигоҳи ман
Гӯё ки сангу хоку ҳавои Ватан шукуфт.
Аз хонишу зи чаҳ-чаҳи мурғони хушсадо
Себарга ба рақс омаду ҳам настаран шукуфт.
Дар рӯзаки Наврӯз, хушо, баҳри ошиқон,
Хуршедвашу гулруху гулпираҳан шукуфт.
Айёми ишқ омаду ҳам дилситониҳо,
Аз сӯҳбати ширинсуханон анҷуман шукуфт.
Имрӯз баҳор асту дили ошиқон ба ҷӯш,
Раззоқ, гӯ ғазал, ки нахли сухан шукуфт.

* * *

Хуршеди оламафрӯз бидҳад саломи Наврӯз,
Бин, боди бомдодӣ орад паёми Наврӯз.
Сӯи чаман нигаҳ кун мурғони хушсадоро
Аз лаҳни андалебон ояд каломи Наврӯз.
Аз накҳати баҳорон олам муаттар ин дам,
Гулбез бар машомам ҳар субҳу шоми Наврӯз.
Деҳ мужда, эй бародар, шуд рӯзу шаб баробар,
Баҳман бирафт аз мо омад қиёми Наврӯз.
Густурда хони идӣ ҳар ҷой пиру барно,
Бар лаб суруди шодӣ, дар даст ҷоми Наврӯз.
Илҳоми навбаҳорӣ, Раззоқ, ояд аз нав,
Табрик кун ҷаҳонро ин дам зи номи Наврӯз.

* * *

Пайғоми Ачам резад: Наврӯз муборак бод!
Хуршеди Ҳамал хезад, Наврӯз муборак бод!
Хуш омада Фарвардин, ҷонбахши заминро бин,
Дай хезаду бигрезад, Наврӯз муборак бод!
Бар боғу чаман бингар, себаргаву гул бар сар.
Ваҳ боғ чу гул безад, Наврӯз муборак бод!
Боди саҳар аз гулшан гӯё ба машоми ман
Сад бӯи хуш омезад, Наврӯз муборак бод!
Дар нола шуда булбул, бишкуфта рухи гул,
Гул хандаду бистезад, Наврӯз муборак бод!
Бингар ту нигорамро, бонуи баҳорамро,
Бар гӯш гул овезад, Наврӯз муборак бод!
Ин фасли арӯси сол орад бари мо иқбол,
Шодӣ ба дил ангезад, Наврӯз муборак бод!
Раззоқ, расад Наврӯз, имрӯз шуда нав рӯз,
Ҳар сӯй нидо хезад: Наврӯз муборак бод!

* * *

Деҳ муждаи Наврӯзӣ, имрӯз Ҳамал омад,
Пайғом ба гӯши ман аз Шоҳи Азал омад.
Ҷамшед ба мо гӯяд, суғдона биёр оташ,
Хуршеди ҷаҳоноро аз бурҷи Ҳамал омад.
Эй банда, расидӣ боз бар соли нави дигар,
Аз хоби зимистон хез, айёми амал омад.
Аз лаъли лаби ёрон хомӯш чӣ мебӯсӣ?
Занбӯр ба шаҳди гул бо ҷангу мағал омад.
Бар оғуши гул бингар, булбул ба наво омад,
Дар оғуши гулгаште ёре ба бағал омад.
Мурғони чаманро бин, мастанду ғазалхонанд,
Раззоқ, чӣ хомӯшӣ, айёми ғазал омад.

* * *

Сардии ҳаво муждаи оғози тирамоҳ.
Ҳам ғози мизон ояду ҳам ғози тирамоҳ.
Ҳафтранг шуда барги дарахтону кӯҳсор,
Шуд боли хазон қуввати парвози тирамоҳ.
Айёми гул, ар булбулу бедона бихонад,
Зоғони сияҳ гашта ҳамовози тирамоҳ.

Гар ғунчаи гул ҳамдами айёми баҳор аст,
Ҳар барги хазон ёраки таннози тирамоҳ.
Гар ризқи Худо рехт дар ин фасл баҳри мо,
Раззоқ бувад ҳамдаму ҳамрози тирамоҳ.

* * *

Ҳар бандаи илм ошиқи шайдои риёзӣ,
Мефахрад аз ин шӯҳрати волои риёзӣ.
Дар мамлакати илм худ ӯ шоҳи ягона,
Шаҳзода касе, кард таманнои риёзӣ.
Монанди рақам охири худ ҳеҷ надонад,
Беохиру бефосила дунёи риёзӣ.
Дар банди ҳисобу рақам афтода ҷаҳоне,
Ҳар як амал ин дидаи бинои риёзӣ.
Дар банди риёзӣ ҳама асрор нуҳуфта,
Ҳар рамз забонест зи гӯёи риёзӣ.
Раззоқ, биёмӯз ту асрори ҳисобат,
Хоҳӣ, ки шавӣ вориси фардои риёзӣ.

* * *

Ҳар ҷо сухан оғоз кунам аз забони дӯст,
Некии варо ёд кунам чун нишони дӯст.
Ҳар лаҳза кунам қадр ман он хону намакдон,
Шукронагузорам ба ҳама обу нони дӯст.
Гар шоҳии давлат ба сарам дод худованд,
Зинҳор фаромуш накунам остони дӯст.
Ҳар рӯз фидо мекунамаш ҷону тани худ,
Гӯям, ки дили поки ман-ин ошёни дӯст.
Дар пеши пои дӯст гузорам сари баланд,
Бар чашм тӯтиё кунам аз хокдони дӯст.
Ҳар шахс қадри дӯст надонад, на одам аст,
Душман бувад он дӯст, ки хоҳад зиёни дӯст.
Раззоқ, на ҳар дӯст шавад дӯст зи ҷонаш,
Аз дарси вафо гир нахуст имтиҳони дӯст.

* * *

Манам шайдои ҳар гуфтори Лоиқ,
Ғуломи лаҳни гавҳарбори Лоиқ.
Гадои махзани пурбори ӯям,
Бичинам хӯша аз хирвори Лоиқ.
Ба иқлими сухан шоҳи замона,

Манам чун чокари дарбори Лоиқ.
Ҳама хуршедёру шеъри ӯ шед,
Ҳама муштоқ бар дидори Лоиқ.
Ба ошиқ «Офтобборон» фараҳ дод,
Ба мисли ҳафтранг осори Лоиқ.
Шароби ангубиносо бинӯшам
Ман аз «Паймонаи саршор» -и Лоиқ.
Ба нахли боғи маънӣ «Резаборон»
Чу марҳам рехт аз ашъори Лоиқ.
Ман аз «Дасти дуои модар» аз дил
Дуо гирам чун аз афкори Лоиқ
«Ману дарё»-ву рӯду соҳилу ман
Чи соҳил, ташнаи анҳори Лоиқ.
Дил аз «Фарёди бефарёдрас», ҳон,
Ба дод афтод чун тимори Лоиқ.
Сухан чун Ҳофизу Хайём баргуфт,
Шуда ҷонофарин ашъори Лоиқ.
Зи Раззоқи сухан омад садоям-
Худовандист ҳар гуфтори Лоиқ.

* * *

***Дар таъзияи Шоири Халқии***
***Тоҷикистон устод Лоиқ Шералӣ***
**(20.05.1941- 30.06.2000)**

Эй ҷони беҳ зи ҷон, ту зи тан рафтаӣ чаро?
Эй хун, ту зи шарёни бадан рафтаӣ чаро?
Гулҳои Ватан гашта шукуфон зи шеъри ту,
Эй андалеби боғу чаман, рафтаӣ чаро?
Ҷон дода зи нав шеъри Аҷамро ба шеъри тар.
Эй ҷонфизои ҷони сухан, рафтаӣ чаро?
Бас хӯрдаӣ ту дарду ғами миллати худат,
Будӣ равони миллати ман, рафтаӣ чаро?
Хайёми қарни бист, аё Рӯдакисифат.
Эй шоҳи шоирони ватан, рафтаӣ чаро?
Ҳар маҳфиле зи шеъру сухан дорад атри ту,
Эй Лоиқе, ту атри сухан, рафтаӣ чаро?
Гоҳе сухан зи боби Мазор оварида гарм,
Бо бӯи хоки ӯ зи Ватан рафтаӣ чаро?
Раззоқ зи андӯҳу зи ғам офарад сухан,
Шоҳаншаҳи калому сухан, рафтаӣ чаро?

**30.06.2000**

* * *

Эй шоири давру замон, Лоиқ, видоъ гуфтӣ чаро?
Дар зиндагӣ бо одамон, Лоиқ, видоъ гуфтӣ чаро?
Шасти ҳаётат омада, шасти камолат омада,
Бо ин ҳама умри ҷавон, Лоиқ, видоъ гуфтӣ чаро?
Бо ҷоми Хайёмӣ ҳаме сармаст овардӣ калом,
Рафтӣ ту аз мо ногаҳон, Лоиқ, видоъ гуфтӣ чаро?
Варзоб ҳайрони туву оғӯши гулҳо холӣ шуд,
Бо кишварат, бо Зарфишон, Лоиқ, видоъ гуфтӣ чаро?
Огаҳ будӣ аз марги худ, огаҳ намудӣ бо сухан,
Дар шеъри худ бо мухлисон, Лоиқ, видоъ гуфтӣ чаро?
Ҷисми ту рафта аз миён, ҳарфат ҳама вирди забон,
Шеъри ту бошад ҷовидон, Лоиқ, видоъ гуфтӣ чаро?
Асло магӯ бо мо видоъ, ҷои ту андар синаҳо,
Ҳарфи ту фахри мо ба ҷон, Лоиқ, видоъ гуфтӣ чаро?
Раззоқ рӯзи марги ту аз турбатат бишнид ин:
Рафтӣ «видоъ» – гӯ аз ҷаҳон, Лоиқ, видоъ гуфтӣ чаро?

**1.07.2000**

* * *

Шодам, ки дар рӯи ҷаҳон ман тоҷикам, тоҷикзабон,
Меболам аз ин ҳар замон, ман тоҷикам, тоҷикзабон.
Бар ҳар куҷое меравам, аз миллатам фахре кунам,
Бошам агар дар Каҳкашон, ман тоҷикам, тоҷикзабон.
Чун шири модар бар танам навъи ғизо бошад мудом,
Ҳар лаҳзае гӯям зи ҷон ман тоҷикам, тоҷикзабон.
Ман ҳамзабони Рӯдакӣ, ман ҳамзабони Анварӣ,
Ман вориси Сомониён, ман тоҷикам, тоҷикзабон.
Гӯяд яке аз Зарфишон ё дигар аз Боми Ҷаҳон,
Лекин манам на ину он, ман тоҷикам, тоҷикзабон.

* * *

Ман шодаму шод омадам,
Аз мулки ободомадам.
Аз хокаму аз оташам,
Аз обу аз бод омадам.
Аз арш бар рӯи замин
Чун мурғи озод омадам.
Ҳар сӯ ҳури зеборухе,
Аз шодӣ бар дод омадам.

Ё ки ба фирдавси барин
Назди паризод омадам?
Худ лоламу шодам, ки бо
Табъи худодод омадам.
Раззоқ, дар даҳри сипанҷ,
Аз баҳри эҷод омадам.

* * *

Ғазал, мафтуну шайдо ҳар дуи мо,
Ғазал мӯниси дунё ҳар дуи мо.
Суханро ҷавҳари якдона бошӣ,
Ғазал фақрему доро ҳар дуи мо.
Туро тасвири нав ҳусни нав орад,
Ғазал, тасвир ҷӯё ҳар дуи мо.
Туро Саъдию Ҳофиз шоҳу з-онҳо,
Ғазал, банди таманно ҳар дуи мо.
Равону форам ояд мисраҳоят,
Ғазал, амсоли дарё ҳар дуи мо.
Ҳуруфат марҳами дилҳои ошиқ,
Ғазал, бо ишқ гӯё ҳар дуи мо.
Зи ту ҷовид Раззоқи сухангӯ,
Ғазал, ҳастии дунё ҳар дуи мо.

* * *

Ҳарфи ман, эй дӯст, ин дарди ман аст,
Ҳарфи ман мурғи ҷаҳонгарди ман аст.
Ҳар сухан, к-ӯ аз даҳон ояд бурун,
Оҳҳои гарму ҳам сарди ман аст.
«Оҳ!» гӯям, оҳаке борад ба сар,
Ҳарфи ман, гӯӣ, ҷавонмарди ман аст
Сатрҳоям суфта ҳамчун гавҳаре
Ҳосили бо хун раҳоварди ман аст.
Аз дилам овардаам ҳарфи накӯ.
Баъди мурдан шеър оварди ман аст
Шеърҳо аз номи Раззоқ офарам,
Шеъри ман рози дилу дарди ман аст.

* * *

Раҳнавардам, раҳнаварди роҳи шеър.
То биёбам оқибат даргоҳи шеър.
Ин замирам чашмаи шеър асту бас,
Ё магар афтодаам бар чоҳи шеър?!

Шед гармӣ бахшад андар пайкарам,
Дар раҳи афкор рахшад моҳи шеър.
Ҳарфҳоям ғӯрамарг андар гулӯ,
Оҳҳоям зода шуд аз оҳи шеър.
Эй, ки бар Раззоқи олам бандаӣ,
Бандаям ман, бандаи оллоҳи шеър.

* * *

Сухансанҷо, сухандоно, сухан гӯ,
Зи дарди мо ба маҳфилҳо сухан гӯ.
Чӣ фарқ аз мои гунгу турбати мо,
Чу гӯё ҳаст лаҳни мо, сухан гӯ.
Забони мо калиди кони гаҳвар,
Сухан чун дурри беҳамто, сухан гӯ.
Зи дурри маънӣ оро кун забонро,
Ба сад андеша, бо маъно сухан гӯ.
Ба ҳар маҳфил нашояд ҳарзагӯӣ,
Ба ҳар ҷо аз ғами дилҳо сухан гӯ.
Ба Маҷнунсирату Лайлонажодон
Мисоли ошиқи шайдо сухан гӯ.
Ба пирони замон ҳарфи Худо зан,
Ба ёди гӯр, аз дунё сухан гӯ.
Сухан пайғоми Раззоқ аст фардо,
Барои мардуми фардо сухан гӯ.

* * *

Ба шоир доимо рӯзи саид аст,
Чу иншо мекунад шеъре, навид аст.
Дилаш андудаи дарду ғами халқ,
Ҳама ғам аз суханҳояш падид аст.
Ба ёди рӯзи нек ашъор гӯяд,
Ки ҳар зулмотро субҳи умед аст.
Чӣ ҳоҷат бошадаш меҳробу масҷид,
Ибодатгоҳаш авроқи сафед аст.
Ба танзим орад ӯ ҳарфи парешон,
Ҳама байташ чу як тавқи ҷадид аст.
Расад пайғоми Раззоқе ба шоир,
Нигаҳбони ту «Қуръони Маҷид» аст.

* * *

Ба ҳар манзил забонро сарварӣ кун,
Таманнои забони модарӣ кун.
Биҳиштиро забон тоҷикӣ омад,
Чу Фирдавсӣ ситоишҳо дарӣ кун.
Ба қанди форсӣ ҳинду шуд афсун,
Ба ин раҳ то тавон афсунгарӣ кун.
Нахуст омӯз лаҳни модариро,
Пасон майли забони дигаре кун.
Агар фарзонаи оринажодӣ,
Забони хешро худ доварӣ кун.
Зи олоиш забонатро нигаҳ дор,
Бузургони ҷаҳонро чокарӣ кун.
Ба лаҳни Рӯдакӣ чун ҳарф гӯӣ,
Зи ҳарфи бад забонатро барӣ кун.
Мисоли Тӯсию Хайёму Ҷомӣ
Ба иқлими Сухан пайғамбарӣ кун.
Забони тоҷикӣ- ин тоҷи тоҷик,
Ба лаҳни форсӣ Искандарӣ кун.
Забони ишқу шеъри шаккарин аст,
Шакаргуфтор лаҳни шаккарӣ кун.
Ғазал тавқ асту ҳарфи форсӣ зар,
Биё, Раззоқ, боре заргарӣ кун.

* * *

Эй ёр, аҷабе аст саропои ту нозук,
Оҳиста бинеҳ гом, ки он пои ту нозук.
Нозидани тутӣ ба сухан пеши ту ҳеҷ аст,
Валлоҳ, чӣ гуям, ки суханҳои ту нозук.
Боре чу қадам ранҷа намудӣ ба гулистон,
Гул пеши ту сар хам кард, ки симои ту нозук.
Болои алиф дол шуд аз рашки муҳаббат,
Қоил шуда он сарв, ки болои ту нозук.
Бозори ту имрӯз шуда пур зи харидор,
Тақдир бигӯяд, ки чӣ савдои ту нозук.
Гӯянд, ки афсона бувад нозукиҳоят,
Эй ёр, бигӯ боз куҷоҳои ту нозук?
Тасвири ҳама нозукӣ дар шеър нағунҷад,
Раззоқ, наандеш, ғазалҳои ту нозук.

* * *

Аз дарди дилат басо хабардор кӣ буд? Ман!
Бар захми дилат ҳаме шифокор кӣ буд? Ман!
Дар роҳи муҳаббат, ки мададҷӯй будастӣ,
Дар кӯчаи ошиқон мададгор кӣ буд? Ман!
Рӯзе ки ба ман раҳм накардию бирафтӣ,
Аз сӯзи фироқи ту дилафгор кӣ буд? Ман!
Он шаб, ки ту рафтию маро ёд накардӣ,
То субҳ зи шабгӯй, ки бедор кӣ буд? Ман!
Рӯзе, ки ҳама ҷуфт шуда ошиқу маъшуқ,
Уфтода сари кӯи ту, эй ёр, кӣ буд? Ман!
Эй ёр, бигӯ боз дар ин роҳи муҳаббат
Раззоқи ғазалгӯю вафодор кӣ буд? Ман!

**1988**

* * *

Эй моҳ, ки дар ишқ басе ту дода азобам,
Бо ёди висоли ту дар ин ҳоли харобам.
Бо ёди рухи покат, ало махзани ҳуснам,
Чун булбули шӯрида ба фарёду хитобам.
Бедораму афсонаи васли ту шунидам,
Як бор ба васлат бирасам, кош ба хобам.
Гуфтам, ки ту эй нозгулам, ноз чӣ дорӣ?
Гуфтӣ, ки манам зодаи бад, нозу итобам.
То он ки шавам масту ғами ишқ, надонам,
Аз ҷоми лабат, кош, диҳӣ худ майи нобам.
Чун чашмаи боғи Ирам аз кунҷи даҳонат
Фаввора занад ҷои сухан шаҳду шаробам.
Раззоқ бипурсад агар аз лаъли ту бӯса,
Шармида ба тасдиқ диҳӣ кош, ҷавобам.

* * *

Ман ёри туям, чаро зи ман меранҷӣ?
Ғамхори туям, чаро зи ман меранҷӣ?
Додам диламу дили туро ҷӯёям
Дилдори туям, чаро зи ман меранҷӣ?
Бехобаму пурхаёл ман то дили шаб,
Шабдори туям, чаро зи ман меранҷӣ?
Гуфтӣ, ки мудом ёри ман Раззоқе,
Ман ёри туям, чаро зи ман меранҷӣ?

* * *

Нигоҳи чашми ҷодӯят манам, ман
Аниси ҳусни дилҷӯят манам, ман.
Равам, гар накҳати рӯят набошад,
Гуле бошиву он бӯят манам, ман.
Илоҳо, ҳофизат Раззоқ бошад,
Сипас бишнав, ғазалгӯят манам, ман.

* * *

Будам ғуломи ишқат, ҳоло гурез дорам,
Чун оҳуи рамида бас ҷастухез дорам.
Ай хоҷаи муҳаббат, сӯи ғулом н-ои,
Аз ишқи бевафоят гоҳе ситез дорам.
З-ин бевафоиҳоят одоби ишқ хоҳӣ?
Дар кӯҳи ишқи покон кони тамиз дорам.
Бинршаста бо рақибон, сӯям назар намоӣ,
Сӯят ишорае ман бо таври «Хез!» дорам.
Аз баҳри қасди ишқат Раззоқ шуд мусаллаҳ,
Килке ба даст, гӯё шамшери тез дорам.

* * *

Ошиқе ман, ошиқи чашмони духтар гаштаам,
Ошиқи рухсору мӯю бӯи дилбар гаштаам.
Лек бепарво нигорам, дар фироқаш сӯхтам,
Эй худоё, ин замон чун мурғи бепар гаштаам.
Хоб чашмони сарамро тарк бинмуда кунун,
Мешавам шабзиндадоре, мисли ахтар гаштаам.
«Ҳар ду ҳамсар мешавем»- ин гуфту дил канд ӯ зи ман,
Оқибат аз дарди ишқаш марди бесар гаштаам
Ман намефаҳмам суханҳои касеро ин замон,
Аз ғами ҷононаам, ҳаққо, ки ман кар гаштаам
Гаштаам вассофи ӯ, шеъру ғазал ҷӯям зи дил,
Чунки дар ёдаш ғуломи шеъру дафтар гаштаам.
Абдураззоқам, ба васфи ошиқон гӯям суруд,
Дар фазои ишқ ин дам ман қаламрав гаштаам.

* * *

Зардинаи ман, ту мӯи тилло дорӣ,
Чун писта даҳону чашми шаҳло дорӣ.
Ошиқ шаваму барои ту дил бандам,
Дар ишқу вафо қудрати Лайло дорӣ.

Ҳар лаҳза ишора мекунӣ бар сӯям,
Дар зери лабат ҳазор гапҳо дорӣ.
Аз ҳусну малоҳатат ҳаме пайваста,
Сад хандаю сад нозу таманно дорӣ.
Раққосаву Комдеи дигар бошӣ,
Дар гирди сарат басо Маданҳо дорӣ.
Ай кош Юсуф гардаму ёрат бошам,
Нерӯю қаду рӯи Зулайхо дорӣ.
Раззоқаму аз ишқи ту дилбирёнам
Аз ошиқи ғамкушта чӣ парво дорӣ?!

* * *

Маро чун ояд, эй маҳ, ёди рӯят,
Ба сад уммед метозам ба сӯят.
Камонабрӯ, аҷоиб дилфиребӣ,
Аниси ман, маро хуш феълу хӯят.
Рухи зебои ту чун шеди олам,
Равам як бӯса дуздам аз гулӯят.
Анори навдамида рози ишқат,
Маро боре бихон дар гуфтугӯят.
Агар ҷӯӣ ту аз Раззоқ бахтат,
Манам Раззоқу андар ҷустуҷӯят.

* * *

Зи ишқи ту, дилу ҷонам, басо девона гардидам,
Барои дасти чобукат ҳаме даспона гардидам.
Ман он Маҷнуни сониям, туӣ Лайлои афсона,
Барои дидани рӯят чу як парвона гардидам.
Хаёлан мекунам парвоз ҳар шаб сӯи ту, ҷонам,
Ки гӯё қаҳрамони зодаи афсона гардидам.
Будам оқил, будам комил миёни одамон, лекин
Зи ишқи ту кунун ман бандаи майхона гардидам.
Ҳамеша ман гадоӣ мекунам рӯи туро, эй гул,
Агарчӣ андаруни гавҳару зархона гардидам.
Манам он Абдураззоқе, зи ишқат бо фиғони дил
Чу кабке дар қафас ман ҳофизе дар хона гардидам.

* * *

Шоме, ки дар оғӯши париваш бошам,
Гӯё ки миёни обу оташ бошам.
Аз тобу табаш фаромуш аз худ гардам,
Бетоату бехуду мушавваш бошам.
Аз рӯи мушавашаш шабам гардад рӯз,
Ҳар шом, ки дар канори маҳваш бошам.
Ҳарчанд, ки рози маҳвашон мегӯям,
Дар пеши қудуми ҳур мафраш бошам.
Раззоқ, балои ишқ дар сар дорам,
Побанди балояму балокаш бошам.

* * *

Маҳвашо, гардидаам муштоқи он абрӯи ту,
Ҳар замон бо сад хаёле бингарам бар сӯи ту.
То ба соқи пои ту албонҷ дорад мӯи ту,
Гаштаам мафтуни он мӯю ҳамон гесӯи ту.
Ҳар замоне боди форам гар вазад аз кӯи ту,
Бар димоғам мерасад, эй тозаҳуснам, бӯи ту.
Оби чашмонат агар шӯяд гаҳе он рӯи ту,
Ман гумон созам, ки чашмони ту бошад ҷӯи ту.
Абдураззоқам, ғазал меофарам бар сӯи ту
Гарчи маҳрумам абад, эй гулбадан, аз тӯи ту.

**1988**

* * *

Эй маҳваши нозукбадан, боре ту назди мо биё,
Бемори ишқат гаштаам, эй шӯхи бепарво, биё.
Рӯзона гар шарму ҳаё султони виҷдонат шавад,
Оғӯши моро ёд кун, дар оғӯши шабҳо биё,
Рӯят ҳама дарёи ҳусну ҷисму ҷонат кони зар,
Афтодаи ишқи туям, эй маҳзани дунё, биё.
Дар бистари бемориям, мирам зи дарди ишқи ту,
Бо илтиҷо мегӯямат: ин ҷо биё, ин ҷо биё!
Таскини қалби мо будӣ, дар зиндагонӣ н-омадӣ
Баъд аз вафотам гар шавад, бар сайри гӯри мо биё.
Омад садо бар гӯшам аз Раззоқи олам, ҷони ман,
Дидор дидан хоҳӣ гар, дар ҷаннатулмаъво биё.

* * *

Манам мафтуни он чашмони дилбар,
Ба ҳар ду дидаи рахшони дилбар.
Ғазал меофарам бо хоҳиши дил
Барои меҳру қалбу ҷони дилбар.
Шудам ин лаҳза як девонаи ишқ,
Зи ишқи рӯи нурафшони дилбар.
Ба ҳар ҷое равам, гӯё бо чашмам
Ҳувайдо он лаби хандони дилбар.
Ҳар он ҳарфе ки мегӯяд шитобон
Шавам омодаи фармони дилбар.
Фидояш гашта Раззоқи суханвар,
Бувад ҳамсар, бувад ҳамҷони дилбар.

* * *

Биё гуфтам ба болинам, «чаро?» гуфтӣ, чаро гуфтӣ,
Чу булбул дар фироқи ман саро гуфтӣ, саро гуфтӣ.
Гирифторам ба дарди ишқ, ки дармонаш майи васлат,
Шароби ҳаҷри ман бодо даво гуфтӣ, даво гуфтӣ.
Шабона ҳамчу хаффошам, ки хоби ман намеояд,
Дар ин бехобиям кори Худо гуфтӣ, Худо гуфтӣ.
Ба ҷои ҷони ман ҷанат маро дар синаат ҷо кун,
«Дари сина ба рӯят во, даро»- гуфтӣ, даро гуфтӣ.
Ба рӯи дафтари Раззоқ айберо намудӣ зам,
Ба назди ҳақ гуноҳи мо раво гуфтӣ, раво гуфтӣ.

* * *

Ку худованди сухан, лаҳни шакаррез куҷо?
Андар ин боғу чаман бодаки гулбез куҷо?
Силаҳам теғи сухан, пора кунам ҷавшани тан,
Теғи гуфтор зи ман, ханҷараки тез куҷо?
Ба чаман зоғи сияҳ бо дағалӣ ёфта раҳ,
Булбулонанд панаҳ, мурғи гуҳаррез куҷо?
Зи қалам ҷуста ҳадаф, ҳам ба забон суфта садаф,
Мастаму бода ба каф, тоқати парҳез куҷо?
Шуда афсона вафо, сидқ зи мо гашта ҷудо,
Ишқи Маҷнун ба куҷо, Хусраву Парвиз куҷо?
Гуфт Раззоқи сухан, то қаламе дода ба ман:
Сухан аз Ёрӣ бизан, лаҳни шакаррез куҷо?

* * *

Дирӯз гардида зи ман безорҳо, безорҳо,
Имрӯз пазмони ман он дидорҳо, дидорҳо.
Дар ғайбату тӯҳмат басо гӯё шумо беустухон,
Афсонагӯӣ коратон, бекорҳо, бекорҳо.
Ай чеҳрагулҳои диёр, хори забонро афканед!
Ҷонам шуда абгор бас аз хорҳо, аз хорҳо.
Дар одамӣ ку одамӣ, ё дар сахо ку Ҳотаме?
Доротарошӣ мекунед, нодорҳо, нодорҳо.
Хайкалтарошиҳо чӣ суд баъди вафоти одамӣ,
Чун метарошӣ соя аз деворҳо, деворҳо.
Гар дар сухан нолоиқам, бар лаҳни Лоиқ ошиқам,
Бо сабки Лоиқ оварам ашъорҳо, ашъорҳо.
Эй ҳамзабон, эй ҳаммакон, гар ёди рӯям кардаӣ,
Раззоқ дар оғӯши ин ашъорҳо, ашъорҳо

* * *

Сангу хоки кишварам поянда медорад маро,
Давлату бому дарам поянда медорад маро.
Гар худовандам падар бошад, бимонам ҷовидон
Аллаҳои модарам поянда медорад маро.
Чун нигорам дил рабуду ишқи ӯ дорад бақо,
Ишқи поки дилбарам поянда медорад маро.
Сад дареғ аз рафтагони бенишон аз ин ҷаҳон,
Чун нишон ин дафтарам поянда медорад маро.
Абдураззоқам, аҷал ояд, нагӯедам, ки мурд,
Мисраи шеъри тарам поянда медорад маро.

* * *

Ҳама ҳарфи ниҳон дар ошиқӣ аст
Ва сӯзи ноаён дар ошиқӣ аст.
На ҳар дил мерасад бар қадри ошиқ,
Ки қадри ошиқон дар ошиқӣ аст.
Ҷавонӣ меравад, дигар наояд,
Ҳамеша ҳусни он дар ошиқӣ аст.
Ба умри раҳравон парво надорам,
Ҳама сӯзиши ҷон дар ошиқӣ аст.
Шавӣ дар олами пирӣ пушаймон,
Ки умри ҷовидон дар ошиқӣ аст.
Ба шеъри худ бигӯяд Абдураззоқ,
Ки меҳри покамон дар ошиқӣ аст.

* * *

Эй ёр, ба гулбоғи адибон сафаре кун,
Як бор бар ин боғи сурудам гузаре кун.
Ҳар раҳгузаре хонд аз ин ҳарфи сурудам,
Бар дафтари ашъор ту ҳам як назаре кун.
Дар роҳи сафар бинӣ агар ошиқи ғамгин,
Ин шеъри маро хону ғамашро бадаре кун.
Бар ошиқи ранҷур давоест сурудам,
Ба ҳар дили ранҷур ту аз он хабаре кун.
Эй булбули шӯрида, ту бо мавҷи садоят
Ин шеъри маро гирди ҷаҳон ҷилвагаре кун.
Мушкил шавад ар баҳри ман эҷоди суруде,
В-он оташи илҳоми маро шӯълаваре кун.

* * *

Раҳи даргоҳи ҷонон аз кӣ пурсам?
Давои дарди ҳиҷрон аз кӣ пурсам?
Табибонро муаммо дарди ишқат,
Ба дарди ишқ дармон аз кӣ пурсам?
Баҳорон дар биёбони висолат
Хазон гардида, борон аз кӣ пурсам?
Ба кӯи дил расидан мушкил, афсӯс,
Илоҷи кори осон аз кӣ пурсам?
Макони ошиқӣ сомон надорад,
Бигӯ ҷонам, ки сомон аз кӣ пурсам?
Агар дар ошиқӣ Раззоқ мирад,
Ба ҷони хеш тавон аз кӣ пурсам?

* * *

Туро, эй гул, навозиш кай кунам ман?
Зи лаълат бӯса хоҳиш кай кунам ман?
Ба дидан пайкарат зебову дилкаш,
Занахдони ту молиш кай кунам ман?
Намехоҳад дилат майли диламро,
Миёни ин ду созиш кай кунам ман?
Чу занбӯри асал холи лабатро,
Асалхоҳона «киш-киш» кай кунам ман?
Чу булбул аз ту, гул, Раззоқ пурсад:
Фирор аз дарду нолиш кай кунам ман?

* * *

Шодам ба рӯят, эй гул, доғе зи ғам набошад,
Он қалби нозуки ту пур аз алам набошад,
Ишқ асту навҷавонон гӯянд рози пинҳон,
Рози ту, эй сухангӯ, з-ин бешу кам набошад.
Ай товуси хиромон, андоми дилфиребат
Хоҳам ба тасвир орам, қурби қалам набошад.
Он дам, ки ҳаст номат, Раззоқ хонад ашъор,
Номат чу нест, ҷоно, ҳарфи лабам набошад.

* * *

## УШШОҚИ ПАНҶАКЕНТ

Чу бинам Панҷакенту он замини файзборашро,
Ба зар надҳам ман он сангу гилу хоку ғуборашро.
Бувад ин се бародарро Зарафшон қосиди барҷо,
Ки пайки ҷон расонида Самарқанду Бухорашро.
Қабои ориён дар бар, кулоҳи суғдиён бар сар,
Сари худ дод Деваштич не хоки диёрашро.
Зи шеъри Рӯдакӣ сархуш, зи Лоиқхонияш мадҳуш,
Фалак бо шеъри тоҷикӣ сабук созад хуморашро.
Аз он фардони бообраш ҷаҳон бишнохт афкораш,
Малак таҳсин ҳамегӯяд касони номдорашро.
Мусалло чиву Рукнобод?! Зарафшон модари эҷод!
Зи ҳарфу шеър мепечад садои рӯдборашро.
Равад Раззоқ, агар ҳар ҷо дар ин дунёву он дунё,
Зи гулгашти Ирам ҷӯяд макони обшорашро.

* * *

***Ёри дурафтодаи ман, боз наздикам биё***
***Лоиқи табрикам ин дам, баҳри табрикам биё***
***Лоиқ***

Эй дило, дурӣ маҷӯ, ҳар лаҳза наздикам биё,
Рӯзи ид омад, дило, аз баҳри табрикам биё.
Рӯз агар натвонӣ, эй ҷон, лаҳзае бо ман будан,
Моҳи равшанрӯи ман, дар шоми торикам биё.
Бо туям хушбахти олам, бе туям сарсону зор,
Эй сабабгори ҳама рӯзи баду некам, биё.

Эй, ки дар боғи муҳаббат бо ту будан орзуст,
Навгули навхандаи гул боғи тоҷикам, биё.
Мисраи Раззоқ, ҷоно, меҳри дил мепарварад
Дарди ҳаҷрат кушт охир, ёр, наздикам биё.

* * *

Аз Худо гирам дуо, ҳусни ту асло кам мабод,
Хандаи ширин зи байни чоки лабҳо кам мабод.
Эй, ки дар майхонаи чашми ту миҷгон майфурӯш,
Мастию махмурии чашмони шаҳло кам мабод.
Ҳар ҷавонеро ғами савдои васлат пир кард,
Кош дар бозори васлат баҳсу ғавғо кам мабод.
Бандагони ишқро ҷабру ҷафоят кам набуд,
Ишқварзӣ, ҳазлу шӯхӣ низ бо мо кам мабод.
Байни гулҳо моҷарои ҳусну зебоӣ равад,
Ҳусни ту аз баҳси ҳусни рӯи гулҳо кам мабод.
Лайлии афсонавӣ шуд рамзи ишқи ҷовидон,
Шоиронро мадҳи ту аз мадҳи Лайло кам мабод.
Абдураззоқ, ар намехоҳад камии ҳусни ту,
Ҳарфи нотакрори ӯ ҳам мисли дарё кам мабод.

* * *

Чӣ хуш, гар то ҷаҳон бошад, ба ман гул ҳамнафас бошад,
Чу бинам з-ӯ ҷудоиро, ҳама ишқам абас бошад.
Ҳама таъриф месозад ба дунё ганҷи Қорунро,
Чу бинам ганҷи оғӯшаш, ҳама Қорун чу хас бошад.
Чу хандад гулъузори ман, мунаввар мешавад шомам,
Ба ёди хандаи лаълаш ду чашмонам асас бошад.
Аз он ҳусни худододаш гули ман нозаду аммо
Асираш гашта ин қалбам, чу булбул дар қафас бошад,
Бисӯзам з-оташи ишқаш ман андар ин биёбоне,
Ба Маҷнун дидани Лайлии ҷон як бор бас бошад.
Агар дар корвони васл, қисмат сорбон бошад,
Садои бӯсаборонаш ба амсоли ҷарас бошад,
Магар шайдо шуда Раззоқ, ишқеро ба назм овард,
Ғазал бошад забони ишқ, агар фаҳманда кас бошад.

* * *

Шедро шармандагӣ орад рухи тобони ту,
Нашкуфад гул ҳеҷ гоҳе чун лаби хандони ту.
Сад замин ларзад, наметарсад дилам, аммо чаро
Қалби ман бехуд шуд аз пеши бари ларзони ту.
Эй, ки мӯи мушкинат бахти сафеди ман бувад,
Банд гаштам оқибат бар зулфаки печони ту.
Дар биёбони висолат сӯхтам аз ташнагӣ,
Кай шавад шодоб қалбам з-обаки ҳайвони ту.
Зоҳидам, ҳар гаҳ ба дил зикри висолат мекунам,
Бошад он саҷҷодаи ман гӯшаи домони ту.
Андар ин меҳмонсаро роҳат надорам ин замон,
Маҳвашо, дар бистарат бошам шабе меҳмони ту.
Чоҳу зиндони ту беҳ аз зиндагӣ бошад маро,
Кош бошам ман асири чоҳу ҳам зиндони ту.
Шишаи қасри Сикандар ҳеҷ бошад назди ту
Соф омад чун булӯре пайкари рахшони ту.
«Мурдаро гар ҷон бубахшад аз миён болои ту,
Лек моро кушт охир аз миён поёни ту».
Гар Худоят ба ту ҳусни бебаҳое додааст,
Бод Раззоқи сухангӯ бандаи Яздони ту.

* * *

Шабе миҷгони ту бӯсида будам,
Лабу дандони ту бӯсида будам.
Мисоли модарат бо меҳрубонӣ
Рухи тобони ту бӯсида будам.
Навозиш карда он мӯи парешон,
Гаҳе чашмони ту бӯсида будам.
Ба сели шаҳвати ту ғарқ гашта,
Тани ларзони ту бӯсида будам.
Чу шабнам, ки лаби гул бӯса дорад,
Лаби хандони ту бӯсида будам.
Зи Раззоқ амр буд бар бӯсаборон,
Ки ҷисму ҷони ту бӯсида будам.

* * *

Ба ту, эй ахтари шабҳо, нигаҳ бо чашми дил дорам,
Ба ту, олиҳаи дунё, нигаҳ бо чашми дил дорам.
Туро, гар офаридгорат бубахшид ҳусни беҳамто,
Ба ту, эй ҳусни беҳамто, нигаҳ бо чашми дил дорам.

Зи ишқат беқарориҳост дар сина қалбамро,
Ба ту, оромии дилҳо, нигаҳ бо чашми дил дорам.
Наменозам ба молу зар, туӣ бар ман зару зевар,
Ба ту, эй маҳзани тилло, нигаҳ бо чашми дил дорам.
Зи ҳуснат мекунам шодоб доим чашми чорамро,
Ба сӯи ту, ҳури дарё, нигаҳ бо чашми дил дорам.
Ба ёди ту шудам маҳзун, чаро охир ту бепарво,
Ба ту, эй ёри бепарво, нигаҳ бо чашми дил дорам.
Нигаҳбони ту Раззоқ асту ишқат дар дили банда,
Ба ту чун ошиқи шайдо нигаҳ бо чашми дил дорам.

* * *

Ало, эй ёри бепарво, зи ишқат сӯзаму гирям,
Чӣ ҷабре кардаӣ бар мо, зи ишқат сӯзаму гирям.
Барои зиндагии худ туро чун шед меҷӯям,
Вале рӯзам кунӣ ялдо, зи ишқат сӯзаму гирям.
Ба макри нокас афтодӣ, шудӣ ҳамсӯҳбати сифла.
Зи ман кандӣ дили худро, зи ишқат сӯзаму гирям.
Накардӣ ёди ишқи ман, куҷо шуд аҳду паймонат?
Аз ин сон бевафоиҳо зи ишқат сӯзаму гирям.
Маломат мекунӣ ҳар дам, гуноҳи хеш мешӯӣ,
Ду чашмонат шавад дарё, зи ишқат сӯзаму гирям.
Бифахр аз зиндагоният, ки Раззоқ аст ёри ту,
Дар ин дунёву он дунё зи ишқат сӯзаму гирям.

* * *

Як шаб шудӣ меҳмонам, боз о ту шаби дигар,
Қурбони ту сад ҷонам, боз о ту шаби дигар.
Дар хонаи чашмонам ҳар лаҳза туро хонам,
Эй моҳи шабистонам, боз о ту шаби дигар.
Нолонаму нолонам, кай бишнавӣ афғонам,
Хуни дилам афшонам, боз о ту шаби дигар.
Андоми ту буд хонам, рухсори ту буд нонам,
Эй себаки хубонам, боз о ту шаби дигар.
Лабро ба лабат монам, бар бӯсагаҳат ҷонам,
Сад бӯса чу бистонам, боз о ту шаби дигар.
Раззоқ туро, ҷонам, кардаст гулафшонам,
Бар хотири яздонам, боз о ту шаби дигар.

* * *

Маҳӣ ё шед ё ки ахтарӣ ту,
Умедам он, к-аз ин се хуштарӣ ту.
Ҳаме аз ғайб чун афришта оӣ,
Аҷаб бо меҳр дилро мебарӣ ту.
Бидидам рӯят, эй духти фасона,
Баро з-афсона, гар афсунтарӣ ту.
Азизам, мисраи Раззоқ бишнав,
Туро меҷӯям, ар шеъри тарӣ ту.

* * *

Ман, ки парвардаам аз хоки Шумо,
Дили ман боду дили поки Шумо.
Тайи нӯҳ боми фалак бебомам,
Дили ман сокини афлоки Шумо.
Чӣ майи ноб ба лаб бурдаму бас
Мастам аз оби раги ки токи Шумо.
Бувад афсона ба ҳар ровии ишқ
Оби дандони ману ноки Шумо.
Чӣ кунам базмгаҳи подшаҳӣ,
Ҷӯям он базми тарабноки Шумо.
Гар Шумо бандаи Раззоқи худед,
Бандаам ман ба рухи поки Шумо.

* * *

Хотири озурдаи ман шод аз ишқи ту шуд,
Манзили вайронаам обод аз ишқи ту шуд.
Қалби ман дар синаам гӯё ба дом афтода буд,
Аз қафас мурғи дилам озод аз ишқи ту шуд.
Чун шудам побанди ишқат, зиндагӣ н-омад ба ёд,
Орзуҳоям ҳама барбод аз ишқи ту шуд.
Дар навори хотирам андоми ту доим аён,
Ин хаёли ман магар Беҳзод аз ишқи ту шуд?!
Абдураззоқ ар зи номи ошиқон байте суруд,
Ин ҳама байту ғазал эҷод аз ишқи ту шуд.

* * *

Хаёламро банд кардӣ ту ба шасти зулфи печонат,
Намудӣ пора қалбамро ту бо он теғи миҷгонат,
Шуд ин дунё чу гӯри тор, ку он равшании шед,
Мунаввар ошёнам кун ту бо он рӯи тобонат.
Агар гӯянд дарди сахт мардум дарди дандонро,
Ҷароҳатҳои дандонро даво бошад занахдонат.
Дилам хоҳад, ки бар хони висоли ту шавад меҳмон,
Кунам шукронаи дунё ман аз файзи намакдонат.
Намеболам ба доройӣ, ба ҳусну давлату молат,
Ҳамон вақте бифахрам, ки бубинам пок домонат.
Дар эҷоди ғазал ин дам чӣ душворӣ кашад Раззоқ,
Парешон мешавад ҳарфам чу он мӯи парешонат.

* * *

Чашми он дорам, ки чашмат чашмдори чашми ман,
Эй, ки чашми қалби ту сарчашмадори чашми ман.
Наргисашро наргис аз наргиси мастат об дод,
Дар гулистон наргиси ту ифтихори чашми ман.
Дидаатро дида-дида дидаам пурдида шуд,
Дидагонат нури дида ҳам мадори чашми ман.
Ишқ бо айн ар шавад оғоз, ишқам айни ту.
Айни ишқу ошиқӣ, айнат хумори чашми ман.
Мардуми чашмони мардум шуд асири мардумат,
Мардумат якдона, эй мардумшикори чашми ман.
Дар суханбозӣ сабақ омӯхт аз бозии чашм
Абдураззоқе, ки медонад қарори чашми ман.

* * *

Дар синаи худ баҳри Шумо дар дорам,
Бо меҳр диле чу қалби модар дорам.
Андар сари ошиқон, ки худ сардорам,
Ҳар гаҳ ғами кори ишқ бар сар дорам.
Рӯзе нашавад, зи ишқ дил бардорам,
Дилдораму дил дораму дилбар дорам.
Ҳуре ба фироқ мисоли кафтар дорам,
Аз хуни ҷигар диле ба каф тар дорам.
Раззоқаму аз чанги сухан гард орам,
Маънӣ маталаб дуқофия гар дорам.

* * *

Кони шакар ин лаъли ту, ё ки намак, эй ёр,
Бо ноз бигӯӣ, ки: «Ту онро намак», эй ёр.
Ин кори маро, ҷонакам инкор насозӣ,
Бигзор макам аз лабакат кам- камак, эй ёр!
Тарсе ба дилам нест зи тӯфони муҳаббат,
Дар базми висолат шудаам чун самак, эй ёр.
Чун тифлаки ширмаст дар оғӯши ту бошам,
Дар синаи ту сар биниҳам ҳар дамак, эй ёр.
Аз ганҷи висолат бари ман хайру сахо кун,
Дар боби сахо кош шавӣ Ҳотамак, эй ёр.
Аз ишқи ту Раззоқ сарояд ғазали ноб,
Бе ишқ бувад шеъру ғазал бенамак, эй ёр.

* * *

Ҳушёр ва ё мастам, оғӯши ту мехоҳам,
Ҳар лаҳза, ки ман ҳастам, оғӯши ту мехоҳам.
Ишқат шуда сайёде ҷону дили ман бирбуд
Чун моҳие дар шастам, оғӯши ту мехоҳам.
Аз дарди фироқи ту побанди бало будам,
Аз қайди бало растам, оғӯши ту мехоҳам.
Гар хок шавам, ҷоно, ёди ту ба сар дорам,
Аз гӯр бурун дастам, оғӯши ту мехоҳам.
Раззоқ зи меҳри ту шайдову суханвар шуд,
Дар ишқи ту дил бастам, оғӯши ту мехоҳам.

* * *

Даме, эй дилбари ҷонам, фаромӯшат намесозам,
Зиёву нури чашмонам, фаромӯшат намесозам.
Зи ишқи ҷонгудози ту дилам садпора мегардад,
Ало, эй марҳами ҷонам, фаромӯшат намесозам.
Шабу рӯзам ба ёди ту, чаро охир ту бепарво?
Ало шамъи фурӯзонам, фаромӯшат намесозам.
Басо ағёр мехоҳад туро дар доми худ бинад,
Ало кабки хиромонам, фаромӯшат намесозам.
Ту мехоҳӣ равӣ аз ман? Фаромӯшам макун ҳаргиз,
Туро ҳамчун Зарафшонам фаромӯшат намесозам.
Фаромӯшам агар созӣ, нигаҳбонат Худо бодо,
Ба ишқи ту нигаҳбонам фаромӯшат намесозам.
Ба сӯи даргаҳи Раззоқ чун булбул наво дорам,
Ба ёди ту ғазалхонам, фаромӯшат намесозам.

* * *

***Ёр шуд шаҳргарду ҳарҷоӣ,***
***Ҷо кун, эй дил, ба кунҷи танҳоӣ.***

***Ҷомӣ***

Эй дил, аз чӣ кунӣ таманноӣ?
Пешаи дилбарат сабукпоӣ.
Бе талаб по ниҳад ба ҳар ҷое,
Ҳамчу феъли сагонӣ таҳҷоӣ.
Назди авлоди хеш боз ояд,
То бифахрад каме зи дороӣ.
Сӯҳбат орояд ба ҳар сифла.
Ҳам зи хулқаш кунад таманноӣ.
Шод бошад, бимонияш озод
Дар сухан бо касони болоӣ.
«Ҳамнишин гаштанаш ба ҳар сифла»,
Дод безорияш зи биноӣ.
Паст гардад аз чунин ашхос
Номи неки занони рустоӣ…
Бохабар шав зи макри зан, Раззоқ,
Бояд аз макр дар канор оӣ.

* * *

Ёр аз ман рафту омад боз ин ёри дигар,
Ин дили ғамгин ба каф бигрифт дилдори дигар.
Аз куҷо омад садое: -ғам махӯр аз бевафо,
Боз шодобе шавӣ аз васли рухсори дигар,
Ишқи ӯ бозору тақдир аст даллоли Худо,
Мекашад тақдир манро сӯи бозори дигар.
Лолагун будам, дареғо ранг аз қоқу кунам,
Ё магар ҳоли маро пурсида ғамхори дигар?
Хостам аз зиндагӣ гӯям ҳадиси тозае,
Лаҳни манро нест ғайри ишқ гуфтори дигар.
Абдураззоқ, ин ҳадиси Туғрали ошуфта дон:
«Дасти худ кӯтоҳ кун ҷуз ишқ аз кори дигар».

* * *

Дилам тору зиёбахши дилам ту,
Ҳама ҳусни макону манзилам ту.
Шабе бар маҳфили ишқам биёӣ,
Яқин донам, чароғи маҳфилам ту.
Ба дарёи муҳаббат мешавам ғарқ,
Наҷотам деҳ зи тӯфон, соҳилам ту.
Басо ашъори нокомил сурудам,
Ҳама ҳарфу суруди комилам ту.
Барои ишқбозони замона
Зи ишқам қисса гӯӣ, ноқилам ту.
Зи дарди ишқ мирад Абдураззоқ,
Туро дилдор гуфтам, қотилам ту.

* * *

Худовандо, чаро кардӣ ба ишқи ӯ гирифторам?
Ки роҳи хеш гум кардам, ҳамеша дар раҳи ёрам.
Ҳазар аз бевафоиҳо, ки маъшуқа ба сар дорад,
Ба ишқи пок побандам, ба дил онро парасторам.
Зи ишқи ёр меболам, зи бахти хеш менолам,
Ба тахти ошиқон шоҳам, агар афтодаву зорам.
Ба оташ пок месозад гунаҳро суғдиеву ман
Бисӯзам з-оташи ишқу вуҷудам пок пиндорам.
Замони қаҳтӣ ар ояд, ту қадри ишқро афзой,
Ки ишқ ояд ба қадри ҷону ҷони хеш биспорам.
Чаро беризқам аз ишқу биномӣ Абдураззоқам?
Вале обод мегардад зи дарди ишқ ашъорам.

* * *

Ба танҳоӣ маро ёрӣ, ало, ай номаи дилдор,
Чароғе бар шаби торӣ, ало, ай номаи дилдор.
Гирифторам ба дарди ишқ, кай ёбам давое,
Ба дарди ман, чу тӯморӣ, ало, ай номаи дилдор.
Дилам торе шуда аз ғам даруни синаам пинҳон,
Ту он наҷми шарарборӣ, ало, ай номаи дилдор.
Ба дида маломат ҳар дам, ки ҳарфат баҳри ман тиллост,
Барои ман чу дасторӣ, ало, ай номаи дилдор.
Бигирам ман туро бар дасту бӯсам бо ҳазор уммед,
Ки бӯи ёри ман дорӣ, ало, ай номаи дилдор.
Туӣ он номаи ишқам, ки бар Раззоқ илҳомӣ,
Ту гӯё акси дилдорӣ, ало, ай номаи дилдор.

* * *

Дилам танг асту мепурсам, ки дунёи дилам ку, ку?
Дилам бирёну ҳайронам, ки дарёи дилам ку, ку?
Ба ошиқ дилрабоиро намебинам зи дилдоре,
Чӣ бепарво шуда ёрону парвои дилам ку, ку?
Бихоҳам бо нигори худ дар оғӯши гулистоне,
Намоям то таманное, таманнои дилам ку, ку?
Ҳама бо шӯру бо шавқе сухан аз ишқи худ гӯяд,
Забонам лолу мегӯям, ки ғавғои дилам ку, ку?
Ба зоҳир ман диле дорам, валекин бедилам, ҷоно,
Диламро бурдӣ, ай дилдор, савдои дилам ку, ку?
Шудӣ вассофи ишқи ёр, ало Раззоқ, метарсам,
Мабодо, ки бипурсӣ худ ғазалҳои дилам ку, ку?

* * *

Аз ман равӣ гар, дило, каме ёдам кун,
З-ин ҳаҷр туро нест ғаме, ёдам кун.
Озурдадилам, даво шав, эй ҷонона,
Гарчи нашавӣ ту марҳаме, ёдам кун.
Мирам зи ғамат ба рӯи хокам бинишин,
Бо дарду ғаму бо аламе ёдам кун.
Раззоқаму аз ҳаҷри ту гуфтам шеъре,
Ашъори маро хону даме ёдам кун.

* * *

Бубин раққоса бо сад нағмаю эъҷоз мерақсад,
Ба мисли кафтаре гӯё ки бо парвоз мерақсад.
Наво аз ту бувад, мутриб, навоз оҳанги шӯхатро,
Ки раққоса ба савти ту аҷаб бо ноз мерақсад.
Қадаҳ лабрез кун, соқӣ, бинӯшем он майи боқӣ,
Магар сархуш шуд он дилбар, ки гаҳ носоз мерақсад.
Бупечидан чу мореву хиромидан чун кабке ку,
Ки ин раққоса бо сад нағма дар «Шаҳноз» мерақсад.
Бубин чашми ғизолона, бубин дунёи афсона,
Наво хомуш кунад мутриб, вале ӯ боз мерақсад.
Магар сархуш шудӣ, Раззоқ, ё рашкаш ба дил дорӣ,
Ки гӯӣ ҳар замон, ё Раб, магар танноз мерақсад?!

* * *

Эй нигор, аз бевафоӣ кардаӣ дилхун маро,
Орзуманди вафои ишқат, эй гулгун маро.
Хобу хезамро фаромӯш кардаам дар ёди ту,
Ишқи ту овора карда зери ин гардун маро.
Сӯхтам аз оташи ишқат, чӣ бепарво туӣ?
Кай расад аз кӯи ту он бодаки серун маро?
Ташнаам ман, ташнаи дидори дарёсони ту,
В-он лаби лаълат бувад сарчашмаи Ҷайҳун маро
Муфлисам созад фалак аз ишқи ту, боке наяст,
Давлати ишқи ту бошад сарвати Қорун маро.
Абдураззоқам, надорам раҳнамои дигаре,
Бошадам дар зиндагӣ ишқи ту Сарқонун маро.

* * *

Ба гӯш омад садои Ҳаштуми март.
Ҷаҳон дорад навои Ҳаштуми март.
Сароғози ҳама ҷашни баҳор аст
Ҳавои пурҷилои Ҳаштуми март.
Ҳама зеборухон чун гул шукуфта,
Ба тан карда қабои Ҳаштуми март.
Яке гул, дигаре лутфи хуш орад,
Ба табрик аз барои Ҳаштуми март.
Ҷигарбандаш кунад табрики модар,
Ба ҷону дил сабои Ҳаштуми март.
Шуморо лутфи Раззоқ армуғон аст
Ба ҷашни пурсафои Ҳаштуми март.

**6 марти соли 2009**

* * *

Ало бону, ту моҳи бемисолӣ.
Ва ё хуршедӣ, ин сон хушҷамолӣ?!
Ту Лайлоиву ту Зӯҳрои сонӣ,
Зулайховаш зи ҳусни худ наболӣ.
Парӣ бошӣ, фаришта, ё ки инсон,
Кӣ гӯям, ки ба ҳуснат баркамолӣ.
Зи ҳусни ту чу Маҷнуни дубора
Ҷавонон гашта мадҳушу хаёлӣ.

Зи рӯят нур мерезад, зи лаб дурр,
Ки дар андешаву банди саволӣ.
Бикун шукрона аз Раззоқи олам
Ки дар ишқу муҳаббат безаволӣ.

* * *

Сардии ҳаво омаду айёми зимистон,
Гӯё ки ҷаҳон рафта сари коми зимистон.
Бо ҷилваю бо ноз бирезад ба замин барф,
Ё орд бубезад сари мо моми зимистон.
Бишкуфта ба шиша гули ях мисли баҳорон,
Сардии ҳаво бонуи рассоми зимистон.
Шабҳои дарозу ҳама сардист ғуруруш,
Гар субҳ шавад, тез расад шоми зимистон.
Бо пайки Масеҳ соли нав ояд зи дили дай,
Май нӯш намоем шаб аз ҷоми зимистон.
Яхпора ҳамоил шуда бар гӯши дарахтон,
Чун ҳалқаи заррини гуландоми зимистон.
Аз барф ба худ кӯрпае дӯхт табиат,
Гӯё ки ҳама хоб таҳи боми зимистон.
Раззоқ, ба сармо сухани гарм хуш ояд,
Гармии сухан гармии илҳоми зимистон.

* * *

Бубин, тоҷикдухтар дорад атлас,
Чӣ зебо он, ки дар бар дорад атлас.
Ба духтар ҳусни дигар мефизояд,
Қабои моҳу ахтар дорад атлас.
Мисоли ҳафтранги навбаҳорон,
Чӣ ранги нуқраву зар дорад атлас.
Варо ҳар тораш ояд аз барешим,
Ҷилои тозаву тар дорад атлас.
Ба ҳар бону аҷаб зебанда бошад,
Ба ҷурмаш дурру гавҳар дорад атлас.
Ҳама нақши ниёгонам ба тораш
Ба рангаш рамзи кишвар дорад атлас.
Ба атласпӯш, Раззоқо, назар кун,
Аҷаб як ҳусни дигар дорад атлас.

* * *

Маҳвашо, тимори ишқатро ба ҷонам кардаӣ,
Дарди ишқатро ту ҷо дар устухонам кардаӣ.
Як гуле аз рух надодӣ дар баҳори ошиқӣ,
Дар баҳори зиндагонӣ худ хазонам кардаӣ.
Шеър мегуфтам ба ёдат, лол гардидам кунун,
Бас табассум ҳам накардӣ, безабонам кардаӣ.
Дил ҳаме хоҳад, ки бошад доимо дар назди ту,
Чун тавонам рафт, охир? Нотавонам кардаӣ.
Абдураззоқам, бимирам гар, ба ёдат зиндаам,
Худ зи ишқи ҷовидонат ҷовидонам кардаӣ.

* * *

Гӯям, санамо, аз чӣ ба ман ёр наӣ ту?
Уфтода ба ишқат ману ғамхор наӣ ту?
Лаълат чӣ давоест ба дарди дили ранчур,
Бар қалби ман имрӯз шифокор наӣ ту.
Сад ҳури ҷаҳон хост диламро бирабояд,
То чанд дилам бурдию дилдор наӣ ту?!
Раззоқ бувад ошиқу дилдодаи рӯят
Ёраш бишав, эй ёр, ки ағёр наӣ ту.

* * *

Худовандо, нигорамро аҷаб ҳусне ато кардӣ,
Аз ин сон ҳусни бемислаш ситам бар ҷони мо кардӣ.
Раво гуфтанд кори ишқ, вафодорӣ мароми ишқ,
Намебинам вафояшро, ту макрашро раво кардӣ.
Будам шоҳи диёри ишқ, будам машғули кори ишқ,
Ба ёди рӯи тобонаш куҷо шоҳам? Гадо кардӣ!
Бихоҳам ман висолашро, бихоҳам меҳри покашро,
Чаро имрӯз домонаш зи дасти ман раҳо кардӣ?
Ғазал гуфтӣ чу як наттоқ, басо аз ошиқӣ Раззоқ,
Ба дарди бедавои ишқ сухан гуфтӣ, даво кардӣ.

* * *

Сӯи Ҳақ дорам дуо, эй ғамгусорам, шод шав,
Бевафоӣ пеша кардӣ, эй нигорам, шод шав.
Бо рақибон ошно гаштиву меболӣ зи худ,
Бас зи ишқи бевафоят ғамфигорам, шод шав.

Ёди сӯҳбатҳои ширинат ба дил мепарварам,
Дар гулистон бе ту ҷоно, хору зорам, шод шав.
Булбули мастам ба гулшан, ёди рӯят мекунам,
Кош бинам рӯи ту, шабзиндадорам, шод шав.
Мисраи Раззоқро ҳар лаҳзае бар ёд ор,
Бар лабам ҳарфу ба ёдат ҷон супорам, шод шав.

* * *

Зи дурҳо ҳамерасад ба мо садои Рӯдакӣ,
Ба аҳли шеъру шоирон расад дуои Рӯдакӣ
Шунав зи руди Панҷруд садои ҷангу руду уд,
Шунав ту ҳикмату суруд, шунав навои Рӯдакӣ
Ҷавони пурғурур буд, дилаш пур аз сурур буд,
Ду дидааш банур буд, сухан – зиёи Рӯдакӣ.
Расад зи байни анҷуман, зи андалеби ҳар чаман,
Ба гӯш ояд ин сухан; пайи санои Рӯдакӣ.
Малак фуруд омада, ба лаб дуруд омада,
Ҳама суҷуд омада ба пеши пои Рӯдакӣ.
Варо маҷӯ зи хоку гил, ба ҷони ӯ Худо кафил,
Макон-ш гашта ҷону дил, макоб ҷои Рӯдакӣ.
Шаҳон ба шеъри ӯ гадо, ҷаҳон шуд обу ҳам адо,
Зи дил баромад ин нидо: шавам фидои Рӯдакӣ.

* * *

Зи асри даҳ ба сӯи мо саломи Рӯдакӣ омад,
Аз он даргоҳи Сомонӣ паёми Рӯдакӣ омад.
Ту Ҷӯи Мӯлиёнро бин зи назми Рӯдакӣ саршор,
Зи ҳар як нағмаи Ҷайҳун каломи Рӯдакӣ омад.
Бухорои Шариф ин дам биҷӯяд нақши пои ӯ,
Душанбе шоду рақсон шуд, ки гоми Рӯдаки омад.
Зи ҳарфи Рӯдакӣ, ҷоно, Зарафшон зарфишон ҳар дам,
Шукӯҳи шеъри оламгир номи Рӯдакӣ омад.
Зи бӯи ҳикматаш сархуш ҳама ин соқиёни мо.
Шароби ноби он даврон зи ҷоми Рӯдакӣ омад.
Бубин, Раззоқ меболад зи рӯҳи шоҳи шоирҳо,
Ки мурғи шеър сӯи ман зи боми Рӯдакӣ омад.

* * *

Чӣ хуш ин чеҳраи шоди Душанбе,
Мароми халқи озоди Душанбе.
Мисоли ҷаннати рӯи замин аст
Гулу гулгашти ободи Душанбе.
Биояд рашки ҳурони биҳиштӣ
Зи ҳусни ҳар паризоди Душанбе
Мисоли бодаке аз сӯи ҷаннат
Вазад бар сӯи ман боди Душанбе.
Ҳама шаҳри ҷаҳон гардида ошиқ
Ба ин ҳусни худододи Душанбе.
Ба рӯзи ҷашнаш амсоли арӯс аст,
Нигаҳ кун чеҳраи шоди Душанбе.
Зи ҳар сӯе нидо ояд, азизон,
Ҳумоюн бод мелоди Душанбе!
Ало Раззоқ, ҳар ҷое, ки бошӣ,
Намоӣ ҳар замон ёди Душанбе.

* * *

Эй дил, ту биё ба хонаи дил,
Бишнав сухану фасонаи дил.
Мастӣ зи шаробу май чӣ бошад,
Сармаст шав аз таронаи дил.
Мерақсу ғубори дил бурун ор
З-оҳанги дафу чағонаи дил.
Эй дил, дили ту дилам биҷӯяд,
Меҷӯ сабабу баҳонаи дил.
Раззоқ зи дил ғазал сарояд,
Ҳарфаш бувад-ин таронаи дил.

* * *

Дило, бин ҳолати бечораи дил,
Биё шав чорасози чораи дил.
Дилам хоҳад навозишҳоят, эй ҷон,
Биё, ҳар дам намо наззораи дил.
Қарори қалби ман бошад дили ту,
Ки сақфи синаат гаҳвораи дил.

Дилам дар ёди ишқат навҳа дорад
Ба гӯши дил шунав ин зораи дил
Дили Раззоқро ҷустан чӣ ҳоҷат,
Ки ҳар ҳарфаш бувад як пораи дил.

* * *

Манам қурбони шону номи деҳқон,
Ба китфу бозуву андоми деҳқон.
Зи нури шед ӯ тарсе надорад,
Дили саҳрост субҳу шоми деҳқон.
Заминро об бидҳад бо навозиш,
Каланду бел бошад ҷоми деҳқон.
Зи тухми заррасоне хирман орад
Шукӯҳи хони мо инъоми деҳқон.
Зи Раззоқ ар касе рӯзӣ бихоҳад,
Бигирад дар забонаш номи деҳқон.

* * *

То диёри ман диёри барқ шуд,
Дар ҷаҳон овозадори барқ шуд.
Гарчӣ боло гашта бунгоҳе зи нав,
Ҳар яке гӯё мазори барқ шуд.
Мардумаш дар зери боми тангу тор
Фасли сармо интизори барқ шуд.
Тоҷики пуртоқату сарсахти ман,
Эҳ аҷаб зору низори барқ шуд.
Хонаҳо тору хунук чун дӯзаханд,
Ин ҳама аз ибтикори барқ шуд.
Мезанам афсонаҳои бурду бохт,
Нобарориҳо зи кори барқ шуд.
Ин чароғу шамъи бобоӣ кунун
Обрӯманд аз шарори барқ шуд.
Ҳарфи Раззоқ аст пайки равшанӣ
Шӯълаи шеъраш мадори барқ шуд.

**с. 2003**

* * *

Зан, ар оқилаӣ, шав ёри мардат,
Бишав чун дилбару дилдори мардат.
Туро чун соябону такягоҳест,
Зано, шав ҳар замон тимори мардат.
Агар бахти накӯро мепарастӣ,
Машав берун ту аз гуфтори мардат.
Зано, гар порсову хушзабонӣ,
Бишав дар зиндагӣ меъмори мардат.
Надорӣ эҳтирому ҳурматашро,
Яқин гардӣ дар охир зори мардат.
Ҳуруфи неки Раззоқ аст панде,
Зано, шав ҳамдаму ғамхори мардат.

* * *

Сароғози сухан мард асту мард аст,
Фурӯғи анҷуман мард асту мард аст.
Ҷавонмардон муҳофизанду сарбоз,
Саробони Ватан мард асту мард аст.
Зане ку зистан бе мард хоҳад?!
Биҳишту ишқи зан мард асту мард аст.
Ҳаво буд пораи сутхони Одам,
Ба зан чун ҷону тан мард асту мард аст.
Зан ар модар бувад баҳри ҷигарбанд,
Падар, эй ҷони ман, мард асту мард аст.
Сипаҳсолори дину илму фарҳанг,
Сутуни дину фан мард асту мард аст.
Чу зан қофияи шеър аст, Раззоқ,
Радифи шеъри ман мард асту мард аст.

* * *

Шукри оллоҳе, ки моро офарид.
Баҳри мо хоку саморо офарид.
Шукри оллоҳе, ки шоҳи олам аст,
Ӯ фанову ҳам бақоро офарид.
Шукри он бечуну бемисле, ки ӯ
Байни мо чуну чароро офарид.
То бидонӣ қадри бедардии тан,
Шукри оне, дардҳоро офарид.

Шукри оллоҳе, ки бо амри худаш
Баҳри ҳар дардаш даворо офарид.
Шодиву ғам, хандаҳову гиряҳо…
Шукр гӯям, он чӣ моро офарид.
Шукри оллоҳе, ки баҳри имтиҳон
Дар замин шоҳу гадоро офарид.
Шукри он Раззоқ гӯям баҳри мо
Лаҳни гӯёву ҳиҷоро офарид.

* * *

Назди ту, эй ҷону ҷигар, боз омадам, боз омадам.
Андар бари ту аз сафар боз омадам, боз омадам.
Дидам ҳазорон хонаҳо, ҳам аркҳову кӯшкҳо,
Шукри дару боми падар, боз омадам, боз омадам.
Ай модари зору низор, ман зори дидори туям,
Наздат, аё нури басар, боз омадам, боз омадам.
Ман сокини қалби туям, ай хоҷаи ишқу умед,
Аз дил чӣ месозӣ бадар? Боз омадам, боз омадам.
Гар рафтанам, эй ҷони ҷон, дорад ба ишқи ту хатар,
Растӣ ту аз биму хатар, боз омадам, боз омадам.
Раззоқро дар лаб сухан, мебин миёни анҷуман,
Андар забонам шеъри тар, боз омадам, боз омадам.

* * *

Зиёбахши ҷаҳон ҳастӣ, падарҷон,
Сафои хонадон ҳастӣ, падарҷон.
Бирезад нур аз рухсори покат,
Ту нури зарфишон ҳастӣ, падарҷон.
Дуоят раҳнамои бахти фарзанд,
Мароми ҷисму ҷон ҳастӣ, падарҷон.
Туро фарзанд бошад қуввати дил,
Ба сад пирӣ ҷавон ҳастӣ, падарҷон.
Гаҳе хандӣ ба завқу гоҳ гирйӣ,
Чу кӯдак хушзабон ҳастӣ, падарҷон.
Агарчи насли ту сад олим ояд,
Вале ту нуктадон ҳастӣ, падарҷон.
Чӣ асрорест дар ожанги рӯят,
Чу таърихе аён ҳастӣ, падарҷон.
Ҳамеша хонаи чашмам маконат,
Ҳаме вирди забон ҳастӣ, падарҷон.

Мисоли шеъру дастону тарона
Ту умри ҷовидон ҳастӣ,падарҷон.
Барои ту сарояд Абдураззоқ,
Ба ман сад достон ҳастӣ, падарҷон.

* * *

Сардафтари фасона ҳастед мӯсафедон.
Қосид ба ҳар замона ҳастед, мӯсафедон.
Дар кор пеш оед, дар роҳ раҳнамоед,
Болонишини хона ҳастед, мӯсафедон.
Ожанг чун гули рӯ, ранги сафед дар мӯ,
Дарёи бекарона ҳастед, мӯсафедон.
Хушнуд шона карда риш аз барои кампир,
Симои ошиқона ҳастед, мӯсафедон.
Лабҳо пур аз ҳикоят, дилҳо пур аз ривоят,
Чун махзани тарона ҳастед, мӯсафедон.
Дар гӯши ҷумла фарзанд гӯед беҳтарин панд,
Дар панд бебаҳона ҳастед, мӯсафедон.
Ёди шабоб буда, бас рози дил кушуда,
Чун ноқили замона ҳастед, мӯсафедон.
Раззоқ бо дилу ҷон хоҳад дуо, азизон,
Бо панд ҷовидона ҳастед, мӯсафедон.

* * *

Зиндагӣ пурпеч роҳе будааст,
Ҳар қадам кӯҳеву чоҳе будааст.
Ғам, ки ҳоким бар вуҷуди одамист,
Шодро ҳоли табоҳе будааст.
Бас сароне дидаам бемағзу пуч,
Зеби он сарҳо кулоҳе будааст.
Эй, ки худ гандумнамоӣ мекунӣ,
Такягоҳи ғалла коҳе будааст.
Дар радифи бенавоён оқибат
Қасри шоҳон хонақоҳе будааст.
Бехабар аз рафтани умр одамӣ,
Интизори солу моҳе будааст.
Одамиро фурсати умраш аҷаб,
Бар само як каҷнигоҳе будааст.

Оҳ-оғоз, оҳ-анҷоми ҳаёт,
Зиндагӣ маҷмӯи оҳе будааст.
Одамиро илму эҷоду ҳунар
Аз аҷал пушту паноҳе будааст.
Бандае, Раззоқ, набвад бегуноҳ,
Бегуноҳӣ худ гуноҳе будааст.

* * *

Гуфтам, ки биё, биё, манам яккаву танҳо
Уммед бубастам ба раҳат дар дили шабҳо.
Лекин ту чаро раҳм наоварда ба ҳолам,
Баргашта бихандидию худ карда таманно.
Аз рӯзи азал ёд накардӣ, ки худованд
Ҳаммаслаку ҳамроҳ намуда дуи моро.
Охир ту ба тақдир бидеҳ тан, ки вагарна
Раззоқ бимирад зи ғами ишқ ба дунё.

* * *

Садбарги тарам ту буда, ҷоно,
Афсӯс зи дил надида моро.
Имрӯз, ки гаштаӣ шукуфон,
Дилбанд шавам ба ту, нигоро.
Аз лаъли лабат гирифта бӯса,
Хоҳам, ки бадар кунам ҷафоро.
Он гаҳ ки табассуме намоӣ,
Наргиси ту бод ҳусни дунё.

* * *

Ҷонона, биё, гӯш кун аз ман ғазали ишқ.
Аз ман ғазали ишқ шунав дар мағали ишқ.
Ҷое чи кунӣ кофтан аз бахри фароғат,
Хуштар маҳале нест ба ҷуз ин маҳали ишқ.
Айёми хушу бехудию бесарии мо,
Оини шабоб аст ҳама ин ҷадали ишқ.
Дар ошиқӣ парвоз кунӣ мисли ҷунуне,
Поят ба замин, лек сарат дар Зуҳали ишқ.
Раззоқ дигар шарбату лаззат ту чӣ ҷӯӣ,
Шаҳди лаби ёр аст бароям асали ишқ.

## НӮШБОДИ ХАЙЁМ
### (тарҳи рубоӣ)

Ин кӯҳнасаро, ки манзили мо гашта,
Бунёдгари обу гили мо гашта.
Дар сина агарчи меҳри ӯ парвардем,
Рӯзе бинигар, ки қотили мо гашта.

Моем, гунаҳгори ду олам моем,
Оғӯштаи ғамему беғам моем.
Ҳарчанд, ки одамгарӣ аз мо рафта,
Фарзанди Ҳавову насли Одам моем.

Хайём, аҷаб ки хаймаат нопайдо,
Ё ин ки ба ҷоми май намудӣ савдо?
Биншаста майи рази ҳуруфат нӯшем
Дар хаймаи Хайёми Азал, к-ӯ бар ҷо.

Хайём зи асрори азал ҳарфе гуфт,
Дар батни ҳуруфи ӯ басо сирре хуфт.
Огоҳ шудан хоҳӣ аз асрори азал,
Бояд, ки зи ҳар мисраи ӯ маънӣ суфт.

Хайём, ба монанди ту хушкоме ку?
Он ҳарфи накӯву он маю ҷоме ку?
Гуфтӣ, ки «Равему боз оянду раванд»,
Рафтанду биёмаданду Хайёме ку?

Раззоқаму аз замона ранҷурам ман,
Аз шарбату шаҳди зиндагӣ дурам ман.
Чу маст зи хуни қалбу ангурам ман,
Хун хӯрдаму хун хораму махмурам ман.

Хайём, дуогӯи раҳи поки туям,
Сармаст зи гуфтори тарабноки туям.
Раззоқаму мадҳуши бари токи туям,
Чун кӯзааму сариштаи хоки туям.

Эй бандаи хокӣ, бар ту хок аст макон,
Суде набувад зи молу амволи ҷаҳон.
Хурсанд машав, ки дар даҳан дорӣ нон,
Андеша намо, фурӯбарияш гумон.

Раззоқ, ки шоҳу сарвари дунёӣ,
Донандаи сирри азалу фардоӣ,
Гуфтанд туро, ки яккаву танҳоӣ,
Бисёр махур ғам, ки абад бо моӣ.

Мардем дар ин ҷаҳон ва ё номардем,
Бо дарду ғами хеш ҳама ҳамдардем.
То ин ки сухан зи хуни дил парвардем,
Мо саҷда ба хоки бихрадон овардем.

Ангур чу парварда шуд аз мулки биҳишт,
Дар рӯи замин варо кӣ раҳ доду кӣ кишт?
Афсӯс: чаро касе к-аз ӯ об сиришт,
Нопок бигашту ҷаннат аз даст биҳишт?

Дар рӯи замин, ки мушти хокаш моем,
Ҳар лаҳза миёни обу оташ моем.
Чун тифл агарчи фарди беғаш моем,
Як умр ҷафокору ҷафокаш моем.

Айб аст, ки айби ёр ташвиқ кунем,
Бояд, ки гуноҳи хеш тасдиқ кунем.
Коре, ки ба табъи худ мувофиқ кунем
Суд аст ва ё зиён, ба тафриқ кунем.

Эй кош, падидае ҳувайдо гардад,
Як марди накӯ ба мулк пайдо гардад,
Бо шеър даҳони ҳар касе во гардад,
Раззоқ ба ӯ ғулому шайдо гардад.

Бар хони лабат бӯсагадо хоҳам шуд,
Бо ёди ту бе ёди Худо хоҳам шуд.
Аввал, ки ба ишқ мубтало хоҳам шуд,
В-он гоҳ зи мазҳабам ҷудо хоҳам шуд.

Раззоқ, чаро шеъри ту ғамолуда,
Ё ки ғазаб аз ғами замон афзуда?
Мандеш, дило, зи будаву нобуда,
Чун хоби абад равӣ, шавӣ осуда.

Афсӯс, ки ғам ба гардун афзун омад,
Гӯё, ки қиёмате ба гардун омад.
Пурсанд, ки ҳоли модарон чун омад?
Гӯям, ки ба ҷои ашкашон хун омад.

Эй духтараки разам, ба ман дил бастӣ,
Бинмуда маро никоҳу кардӣ мастӣ.
Гӯям ба ту се талоқу гӯӣ ҷастӣ,
Варна ту барӣ маро ба роҳи пастӣ.

Ошиқ будаму кунун ба май дил бастам,
Аз ишқи дурӯғи дилбарон ворастам.
Як умр ба гардани сабӯ шуд дастам,
Ҳарчанд сабӯ буд тиҳӣ, ман мастам.

Ай моҳ, ту ҳамдами мани зор шудӣ,
Ҳамроз ба ин дили пурасрор шудӣ.
З-аввал, ки барои ман худат ёр шудӣ,
Охир ту ба ман чаро ҷафокор шудӣ?

Мандеш, ки зиндагӣ басо вазнин аст,
Андар сари бандагон ғами чандин аст.
Аз рӯзи азал, ки сарнавишт аст ғамин,
Талхии ҳаёт баҳри мо ширин аст.

Гар анҷумани ишқ дар офоқ шавад,
Равшангари он суруди Раззоқ шавад.
Булбул зи ҳасуд бар фироре ояд,
Гар Абдувакили Файз натток шавад.

То кай бани одамӣ зи ҳам канда шавад?
Дар асл ягонаву пароканда шавад.
Имрӯз чаро «кофар»-у «муслим» гӯем,
Охир ҳама одамӣ ба ҳақ банда шавад.

Аз Арш садо омада, к-эй бехабарон,
Пайванди Ҳавоед чаро мисли харон?
Зинҳор нанозед аз ин чашми кушод,
Бедорӣ ғулом аст ба он хоби гарон.

Раззоқ, гунаҳгори ҷаҳон гар моем,
Соҳиб ба сарем, лек бесар моем.
Чун даври ҷавонӣ аст, Маҷнунем мо,
Мусҳаф чӣ кунем, ёри соғар моем.

Ман ошиқи зорам, ошиқи зори Худо,
Коре накунам, ба ҷуз ҳама кори Худо.
Дар лаҳзаи танҳоӣ худо ёри ман аст,
Дар ҳарду ҷаҳон шавам талабгори Худо.

Эй бандаи пок, аз чӣ ғамнок шудӣ,
Дар мулки Худо чаро аламнок шудӣ.
Дар мулки бақо ҷои ту фирдавси барин,
Дар олами фонӣ ар ситамнок шудӣ.

Раззоқ, ту парвардаи шири хомӣ,
Аз чӣ шуда ғарқа бо ғами айёмӣ.
Май нӯшу ғами замонаро ёд макун,
Охир, ки ту ҳам набераи Хайёмӣ.

Раззоқ, сухан аз майи гулфом намо,
Бо чашми хирад нигаҳ бар айём намо.
Касби ту риёзиву бигӯӣ шеъре,
Таъзим ба хоки поки Хайём намо.

Гӯям яку дую сею чори гузарон,
Дар кӯчаи ҳандаса шабу рӯз давон.
Ҷустанд гузаштагону ман ҷӯёнам
Ҳар лаҳза ҳамон игреку он икси ниҳон.

Раззоқ, чаро нигор мағрур шавад?
Ҳаҷри ту бихоҳаду зи ту дур шавад.
Май нӯшу бигӯ ғами фироқи ёрон,
Ҳар лаҳза фидои оби ангур шавад.

Раззоқ, чаро касби ту нӯшонӯш аст,
Гӯё, ки сабӯ ҳамеша дар оғӯш аст.
Бо шеър барафрӯз чароғи Хайём,
К-имрӯз нигар чароғи ӯ хомӯш аст.

Ҷонона, биё дарси риёзӣ хонем,
Қонуни ҳисобу сирри шакле донем.
Асрори ҷаҳон, ки дар рақамҳо бошад,
В-онро, ки надонем, басе нодонем.

Ту маркази паргору манам хомаи он,
Гирди ту шабу рӯз давонам, ки давон.
Эй кош масофаҳои мо сифр шавад,
Дар маркази ту чу хома гардида равон.

Дар ҷадвали зарб мову ту ҳамсонем,
Гӯё, ки карат-карат ҳама медонем.
Донем ки ҷамъи мо шавад ду охир,
Дар ҳосили зарби хештан ҳайронем.

Ангушти ту бар даст, ҳисоб омӯзам,
Ду дида ба чашми даврасонат дӯзам.
Дар лавҳи дилам нақш шуда симоят,
Аз чеҳраи ту хонаи дил афрӯзам.

Аз рӯзи азал ба тахтаи Арш Қалам
Бинвишт «Худо **яке**»-ву медон ту ҳам.
Оғози ҳисоб аз азал пайдо шуд
Омад зи Ҳавову Одаме пеш рақам.

«Ал-ҷабр» биёмӯзу ба ман ҷабр макун,
Тафриқ биёмӯзу намоям афсун.
Аз тарҳи рақам чӣ суд, аё ҷонона,
Аз зарбу зи ҷамъи мол ҷаҳоне афзун.

Эллипс, агар бихоҳӣ бингар бар сар,
Гар кӯра биҷӯӣ, кӯра монандаи сар.
Пурсӣ агарам, ки хатти рост аст чунон?
Аз баҳри ҷавоб қади сарват бинигар.

Раззоқ, ҳуруфи ту бимонад ҷовид,
Дар рӯи ҷаҳон мисли Худои воҳид.
Гар хок шавию хоки ту бод шавад,
Ҳар мисраи ту ба ҳар диле ҳаст чу ид.

Ҷонона, муаллими ҳисобат бошам,
Ҳам хомаю дафтару китобат бошам.
Дар ҷустани ҳалли масъала ҳайронӣ,
Дар ҳалли мисоли ту ҷавобат бошам.

Раззоқ, бихӯр маеву хаммор машав,
Сармаст аз он шароби дилдор машав.
Хамморию бехудӣ гуноҳест туро
Коре куну назди ҳақ гунаҳкор машав.

Раззоқ, бигӯ сухан зи ҷому айём,
Андеш зи оғози калому анҷом.
Ин хома ассои Хизр гардида туро,
Меҳроб туро сурудаҳои Хайём.

Дар базм даме ба соқӣ ҳамроҳ шавӣ
Нӯшида зи асрори дил огоҳ шавӣ,
Кам нӯш, ки лаззати шароб аст камӣ,
Чун гашт фузун, зи хеш гумроҳ шавӣ.

Эй ёри азиз, бошӣ гар дилшодам,
Ҳар лаҳза ба ёди ту зи ғам озодам.
Сад кӯҳи ғаме биёяд ар пеши назар,
Бар хотири ишқи ту чу он Фарҳодам.

Сарводаи ошиқона ҷӯяд дили ман,
Байту ғазалу тарона ҷӯяд дили ман.
Он ҳарфи ғазал, ки бар забон меорам,
Аз дарди дили замона ҷӯяд дили ман.

Дунё гузарон аст, ҳама даргузарем,
Ин умр хазон гардаду мо бехабарем.
Ин чархи фалак, ки ҳақнигар мебошад,
Дар роҳи сафар ҳамеша мо ҳиллагарем.

Дорам ҳазар аз касе, ки ӯ «ман» гӯяд,
Шайдои касе, ки «мо зи як тан» гӯяд.
Қурбони ваям, ки ҳамчу Тӯсии бузург
Бо лафзи дарӣ «модар»-у «меҳан» гӯяд.

То он ки зи лафзи мо «маҳал» меояд,
Дар кишвари мо бӯи мағал меояд.
Фарёди маҳалгароии тоҷики мо
Аз қаъри Замин то ба Зуҳал меояд.

Раззоқ, чаро қисми сарон бебасаранд,
Бо бебасарӣ дар талаби тоҷи саранд.
Ҳар нокасу дузд соҳиби хонаву дар,
Мардони хирад гурезаю дарбадаранд.

Эй мардуми меҳнативу боҳиммати рӯз,
Зарпарвари зарфишону мӯҳтоҷи фулус.
Сад кӯрмуш аз ғаллаи ту менозад,
Афсӯс, ки меъдаи ту мӯҳтоҷи сабӯс.

Гандумгуно, хӯшаи гандум мӯят.
Монандаи гандум он қади дилҷӯят
Гӯям, ки чу барги майса бас абрӯят,
Ҷоно, ба мисоли нони гандум рӯят.

Фасли гулу мо ба ҳар гуле дил бандем,
Гармо чу расад, зи меҳр худ пайвандем.
Айёми хазон хазони ишқе рӯбем,
Чун дай бирасад, ба ёри хеш побандем.

Шабранг бувад, дило, агар гесӯят,
Чун моҳ бувад ба зулмати шаб рӯят.
Чун чашми ту ҷӯёи муҳаббат бошад,
Ман шефтаам ба дидаи дилҷӯят.

Ишқ аст чу афсонаву мо афсунем,
Даргоҳи ҷунун аст, ки мо Маҷнунем.
Аввал зи шароби он ҳама сармастем,
Дар охири ошиқӣ басо дилхунем.

Раззоқ, бубин, ки одам одам кушта,
Одам ҳама ҷо чароғи олам кушта.
Гар бахшӣ гуноҳи бандаи қотилро,
Бар банда нигар рӯзе туро ҳам кушта!

Раззоқ, ман ишқи розиқӣ мехоҳам,
Ман ошиқу ишқу ошиқӣ мехоҳам.
Дар ишқи ҷамоли нозанин афтода,
Як ошиқи поку содиқе мехоҳам.

Субҳе, ки садо дод муаззин чу хурӯс,
Мегуфт. ки бархезу ту ин хок бибӯс.
Имрӯз, ки қадри ин замин ёд нашуд,
Фардо бихурӣ зи карда афсӯс, афсӯс.

Ё раб, чӣ сабаб, замона ботил омад,
Пашшасифате ба сурати фил омад.
Хунрезии додар ин гуноҳ аст, вале
Дунё пур аз он Қобилу Ҳобил омад.

Ҳар як қадамат замини мо медонад,
Коре чу кунӣ обу ҳаво медонад.
Ҳарчанд гунаҳ дорию мункир шудаӣ,
Зинҳор бидон, варо Худо медонад.

Ё раб, ту ба ман намой симои аҷал,
То ки шунавам ба гӯш ғавои аҷал.
Гӯянд аҷал надорад ин гуфтаи мо,
Пас банда чӣ гуна фаҳмад авзои аҷал?

Дар мулки худо, ки илтиём омад боз,
Пиндор шарофати сиём омад боз.
Ҳарчанд зи мо рӯза бихоҳад покӣ,
Мастӣ, ҳайфо, ки бар қиём омад боз.

Чун булбули шӯрида, агар қадр шавам,
То субҳ нигаҳбони шаби қадр шавам.
Номат ба забон гираму фарёд занам,
Гар ҳамназаре ба «лайлатулқадр» шавам.

Ин ҳарфи маро фидои мардум созед,
Бар ошиқи шӯрида тараннум созед.
Чун булбул агар ки дар бари гул мирам,
Бо шабнами гул маро таяммум созед.

Модар бари ту бахти сапеде талабад,
Дар бахти сафеди ту умеде талабад.
Ҳар лаҳза, ки ӯ дасти дуо мегирад,
Андар сафарат роҳи сафеде талабад.

Эй модари ҷон, рухат пурожанг шуда,
Мӯи сияҳат ба шир ҳамранг шуда.
Дар ҳасрати фарзанд басо ғам дидӣ,
Афсӯс, ки дилбанди ту дилсанг шуда.

Сарчашмаи шеъри шоиронам, модар,
Зебогии ин давру замонам, модар,
Дар хона ҳама мисоли кавкаб бошад,
Хуршеди сабои хонадонам, модар.

Ин фасли баҳору рухи дилдор хуш аст
Бо нағмаю ишваи падидор хуш аст.
Ҳар фасли баҳор бӯсагул мерӯяд,
Як бӯса аз он бӯсагули ёр хуш аст.

Дардо, аламо, фасли баҳорон гузарад,
Аз назди чаман кабку ҳазорон гузарад.
Ин лаҳза, ки худ ҷудо зи ёрам бинам,
Гулҳо ҳама монандаи хорон гузарад.

Дӯшиза, биё, ки бо ту ман ид кунам,
Ҷонам гарави рӯи чу хуршед кунам.
Чун тӯҳфаи ҷовидонаи Наврӯзӣ
Аз бӯсагаҳи ту бӯса уммед кунам.

Наврӯз расид, ёди Ҷамшед кунем,
Дилро зи ҷамоли ҷомаш испед кунем.
Гар Ҷоми Ҷаме ба мо сазовор нашуд,
Нӯшем зи ҷоми ёру мо ид кунем.

Дай рафтаву фасли навбаҳор омад боз,
Дар шохаи гул бубин ҳазор омад боз.
Мурғи дили ошиқон ба гулзор равад,
Сайёд манам, вақти шикор омад боз.

Андар сари мо шӯри ниҳон меояд,
Андар дили мо ғусса давон меояд.
Ёрон, ҳама ҳамнафас ба ёрон бишавед,
Дар рӯи замин дӯст ягон меояд.

Барге чу фитад зи шох, ларзад тани ман,
Бар ёд биёрадам дами мурдани ман.
Модом аҷал ба бурданам меояд,
Суде чӣ бувад бигӯ зи овардани ман?

Аз доди худованд чӣ гардонам рӯй,
Боке набувад, агарчи тозам ҳар сӯй.
Чун аспи аҷал ояду гирад ҷонам,
Ин хоки сияҳ донаду ман донаму ӯй.

Ошиқ манаму бар зарари ёр наям,
Сӯзанда чу парвона ба ҳар нор наям.
Ошиқ ки наӣ, ғамаш чӣ донӣ, эй дил,
Ағёр нашав, ки бар ту ағёр наям.

Эй ашк, чаро ба мижжа боре оӣ,
Монандаи борони баҳоре оӣ,
Шодона биё, хуш асту метарсам, агар
Рӯзе, ки ба ғусса шашқаторе оӣ.

Эй ашк, ки модари ту ғам мебошад,
Ҳаммаслаки ту дарду алам мебошад.
Гуфтанд туро гаҳе зи шодӣ оӣ,
Эй омаданат зи шодӣ кам мебошад.

Аз ишқи ту ин дил ба гудозе бинам,
Чун кокули ту умри дарозе бинам.
Имрӯз рухат макони нуре бошад,
Гар кӯр шавам рӯи ту бозе бинам.

Афсӯс, зи ишқ бенасиб афтодам,
Аз шодӣ ҷудо, ба ғам ҳабиб афтодам.
Ҳарчанд, ки рози ошиқон мегӯям,
Дар кӯчаи ошиқон ғариб афтодам.

Эй ишқ, ба даргаҳи ту чун оям боз,
Фарзонасифат ё ки ҷунун оям боз.
Гар меҳру вафо чароғи мулкат бошад,
Таъзим намуда сарнагун оям боз.

Соқӣ, ту бирез ҷуръае, нӯш кунем,
Мутриб, бинавоз, то ки гӯш кунем.
Раққоса чу мастона ба рақс ояд боз,
Арғушт равад, варо дар оғӯш кунем.

Ё раб, ки замонаро ту чун овардӣ,
Ҳоли ҳама бандаро забун овардӣ.
Ашкам ба тамом омада аз ғуссаву ғам,
Чашмони маро ту ғарқи хун овардӣ.

Гар нохалафе ба рӯи мансаб ояд,
Амсоли ҷунуне, ки ба мактаб ояд.
Шомаш ба чароғи мансаб, ар равшан шуд,
Фардо ба яқин, ки рӯзи ӯ шаб ояд.

Афсӯс, замон замони нокас гардид,
Шодию сурур омаду вопас гардид.
Меҳнат кунаду суде набинад деҳқон,
Имрӯз бубин гандуми ӯ хас гардид.

Эй шеър, паямбари раҳи дурам шав,
Оромгаре ба қалби ранҷурам шав.
Аз оташи дил туро сурудам, зеро
Баъди сари ман шамъи сари гӯрам шав.

Дӯшиза, ду чашмони ту махмур шуда,
Рухсори дурахшони ту пурнур шуда.
Ношукр шавам агар ба он бӯсагаҳат,
Пиндор, ки дидагони ман кӯр шуда.

Дилдодаи ҳар дилбари танноз машав,
Дилбохтаи бехабар аз роз машав.
Бо булҳавасон машав ту ошиқ асло,
Булбул, ки шудӣ ҳамақадаҳи боз машав.

Ё раб, зи чи он зане, ки майнӯш шуда,
Нӯшида зи ҳад буруну мадҳуш шуда.
Ин расм барои шарқиён нанге буд,
Зан ҳайф, ки бо шиша ҳамоғӯш шуда.

Рангинарухо, ранги ба ранге пӯшӣ,
Таннозсифат шими таранге пӯшӣ.
Ту шарқнажодию вале пӯшокат,
Гӯё ки ту дар мулки Фаранге пӯшӣ.

Сабзинаи ман, ту хоку ҳам кишти манӣ,
Гар хонаи ишқ созам, он хишти манӣ.
Бе рӯи ту зиндагӣ басо тору хунук,
Мамнунам аз он, ки барқу ангишти манӣ.

Рангинарухо, аҷаб ту ранге дорӣ,
Пӯшоки ҳариру шими танге дорӣ.
Дорӣ ту либосу лек нимурёнӣ,
З-ин ҳол магар ту ному нанге дорӣ?

Таннозсифат ҳарири тӯре пӯшӣ,
То мард фитад ба дом, бас мекӯшӣ.
Имрӯз ба лаб ту ҷоми ишрат дорӣ,
Фардо ба яқин шароби ғам менӯшӣ.

Аввал ту равӣ, назар ба ҳамёнаш кун,
Дуввум ба худаш, сеюм ба хешонаш кун.
Чорум бинигар ба мошину сарвати ӯ,
«Панҷум бинишину ҷонта қурбонаш кун».

Раззоқ, аҷаб, ки синаҳо ғамнок аст,
Фоҳиша фузун гашту ҷаҳон нопок аст.
Имрӯз, ки зан ҳамқадами мастон шуд,
Хаммор шуда, чу наҳси ин афлок аст.

Эй ишқ, ки мазҳабат ҷудо мебошад,
Гӯям, ки намози ту вафо мебошад.
Ҳаҷр аст чу рӯзаю закотат бӯса,
В-он Каъба висоли дилрабо мебошад.

Имрӯз яке нуқлу кабобе хоҳад,
Ё шахси дигар ҷоми шаробе хоҳад,
Хушбахт бувад касе, ки ҳар шому саҳар
Аз соғари ёри худ гулобе хоҳад.

Ҷонона, ба шоми тор моҳам бошӣ,
Ман хоки туву ту чун кулоҳам бошӣ.
Ҳангоми намоз Каъба ҷӯянд ҳама,
Зоҳид шаваму ту қиблагоҳам бошӣ.

Ҷонона, биё бо ту ҳамоғӯш шавам,
Ёбам дилату зи худ фаромӯш шавам.
Дар кӯҳи муҳаббату биёбони висол
Бо Кӯҳкану ба Қайс ҳамдӯш шавам.

Эй моҳ, рухат нури зиё мегӯям,
Бо шеъри тарам бар ту дуо мегӯям.
Аз лаълат, агар бӯса диҳӣ, дилшодам,
«Не» гӯӣ агар, кори Худо мегӯям.

Ҳар ҷо, ки равам, ёд кунам Ёрии худ,
Пеши назар обод кунам Ёрии худ.
Ҳарчанд равам дур вале аз ҳама дурӣ,
Бо шеъру ғазал шод кунам Ёрии худ.

Ҳоҷат набувад, ки моли Эрон бошад,
Попӯш ва ё рӯмоли Ҷопон бошад.
Ман садқаи гандуму ҷават, ай Ёрӣ,
Ғавғои ҷаҳон барои як нон бошад.

Эй духтари ҷон, макун ту гапгардонӣ,
Соҳирсифате туиву бас шайтонӣ.
Аз дарди дилам ба очаат лоф мазан,
Бар дарди дилам чист даво, медонӣ.

Эй ишқ, туро кӣ гуфта, ки танҳоӣ,
Ҳар лаҳза ту маскуни дилу танҳоӣ.
Оини ту хуни духтарон рехтан аст,
Духтаркушӣ, лек модари занҳоӣ.

Гардам ба қаду қомату чашмони сарат,
Гардам ба нигоҳи дуздию пеши барат.
Пайғамбари ҳусни ошиқон бошӣ ту,
Гардам ба ҳама нозукиҳои камарат.

Дар даштаки пахтазор бошам якабед,
Бошам якабеду баршинам бауммед.
Гулдухтаракон ба кори саҳро оянд,
Ман соя шавам ба дилбари куртасафед.

Хурсандӣ барои мо падар мебошад,
Ҳам обу ҳавои мо падар мебошад.
Бе чеҳраи нуронии ӯ олам тор,
Хуршеди сабои мо падар мебошад.

Ай ёригиё, ҳарфи маро ёд намо!
Дилро зи ҳуруфи нек обод намо!
Гар ҳарфи равону маънидоре ҷӯӣ,
Таъзим ба Шамсиддин Имдод намо!

Аз гардиши ин замон дилам месӯзад,
Аз мастии нокасон дилам месӯзад.
Мастона барои модарон нанг оранд,
Бар нолаи модарон дилам месӯзад.

Ҷонона, ки худ равони ман бошӣ ту,
Ман хоки сиёҳу ҷони ман бошӣ ту.
Аз рӯзи азал, ки ҷисмпайванд астем,
Як пораи устухони ман бошӣ ту.

Хушмилаи ман, мӯи туро сила кунам,
Сад ҷону дилам фидои он мила кунам.
То ҳалқа шавад ба гарданам милаи ту,
Чун кампиракон ҳазору як ҳила кунам.

Ман ошиқи он руву лаби гулчинат,
Мафтуни ҳамон ду кокули мушкинат.
Омин бикунам ба назди ҳар гӯру мазор,
То он ки худо кунад маро кобинат.

Шоир набудам, ғазалсароям кардӣ,
Озод будам, ошиқи зорам кардӣ.
Кардӣ ту ғазалсарою бигрехтӣ пас,
Дар кӯчаи ошиқон ту хорам кардӣ.

Ман субҳи сабою ту гули раъноӣ,
Ҳар рӯз ба ман пардаи рӯ бикшоӣ.
Бикшодаю хандида зи ман мепурсӣ,
«Охир, ки ин қадар дер меоӣ?!».

Рӯзе, ки зи назди мо гузар мекардӣ,
Шармидаю duздида назар мекардӣ.
Эй духтари ҷон, бандаи ҳуснат гардам,
Аз дарди дилат ба мо хабар мекардӣ.

Он оби лабат чу оби ҳайвон бошад,
Нӯшидани оби он ҳам арзон бошад.
Лабро ба лабат ниҳода нӯшидани об,
Ҳаққо, ки ба дарди ишқ дармон бошад.

Субҳона «Ғами замона» гӯён хезам,
Байту ғазалу таронагӯён хезам.
Баҳри ту радифе гар муносиб нашавад,
Бар ёди рухат фасонагӯён хезам.

Борони баҳор бас маҳин меборад,
Бар водиву дашти махмалин меборад.
Олам ҳама сарзабзу гулафшон гардад,
Борони баҳор бар замин меборад.

Ҳар гоҳ ба сӯи ҷӯ нигоҳам дӯзад,
Аз оби равони он дилам месӯзад.
Умри ҳама кас ҳаст чу як об равон,
Бар умраки раҳравон дилам месӯзад.

Ҷонона, маро ду дидаат хуш ояд,
Мӯи ба миён хамидаат хуш ояд.
Аз ҳусни ту чашмони сарам сер нашуд,
Пеши бари навдамидаат хуш ояд.

Дорои замон гуфт: зи ман доро ку?!
Нодор бигуфт фулсу мис моро ку?!
Раззоқи ҷаҳон гуфт, ки эй бехабарон,
Қорун куҷову Ҳотаму Доро ку?!

Шоир наяму банои шеъри Аҷамам,
Болобари сатрҳои шеъри Аҷамам.
Нозим шудаам, вале бигӯям, ки ҳанӯз,
Андар паси дар гадои шеъри Аҷамам.

Сармасти майи шеъри Аҷам бояд буд,
Бо ёри накӯву ҷоми Ҷам бояд буд.
Бо шеъру маю ёр сари базми висол,
Худ фориғи дарду ранҷу ғам бояд буд.

## РАНГИНКАМОН
### (шабеҳи дубайтӣ)

Яке ҷисму яке ҷон мефурӯшад,
Яке номусу виҷдон мефурӯшад.
Мусулмонӣ куҷо рафта, Худоё?
Яке имону: «Қуръон» мефурӯшад.

Яке зишту яке барно биёмад,
Яке коно, яке доно биёмад.
Яке хун рехта, оқил дигар шуд,
Яке Темур, дигар Сино биёмад.

Ки мегӯяд, мазори тоҷикон ку?
Шаҳаншаҳри диёри тоҷикон ку?
Ҳама аллоигӯ гаштем, лекин
Самарқанду Бухори тоҷикон ку?

Замин гаҳворагаю мо тифлаконем,
Замин чун модару мо кӯдаконем.
Замин раззоқи олам бошад, эй дил,
Кӣ донад қадри ӯ, ношукраконем.

Биёмад боз Наврӯзи накӯпай,
Бирафт аз рӯи олам навкари дай.
Ба рӯи қолини сабзи баҳорон
Шаробе бошаду ман бошаму вай.

Баҳори дигари умрам расида,
Бичинам боз гулҳои начида.
Садо омад: нашояд шод будан,
Зи умри рафтаат кун оби дида.

Баҳорон, эй баҳорон, эй баҳорон,
Гузар доред аз чӣ мисли борон?!
Шумо чун бигзаред, ин умри ман ҳам
Шитобон меравад аз рӯзгорон.

Баҳор асту баҳор асту баҳор аст,
Таманнои дилам пайғоми ёр аст.
Вале ёрам ҷудоӣ дорад аз ман.
Дили ман аз ҷудоӣ беқарор аст.

Биёмад боз айёми баҳорон,
Биёмад абри найсон, рехт борон.
Шуморо ҷустам андар зери борон,
Куҷоед, эй шумо, порина ёрон?

Шудам гирён, шудам гирёну гирён,
Ба мисли абрҳои навбаҳорон.
Аз он борони ашкам лолаи сурх
Расида дар замину кӯҳсорон.

Хушо, аз нав биёмад навбаҳорон,
Ба ҷилва омаданд он лолазорон.
Ба рӯи сабза рақсиданд ёрон,
Бичида лолаҳо аз кӯҳсорон.

Дар оғӯши шаб оғӯши ту ҷӯям,
Дили аз ишқ пурҷӯши ту ҷӯям.
Садои бӯса то гирад ҷаҳонро,
Забони лолу хомӯши ту ҷӯям.

Рухи пур аз ҷилоятро кӣ дида?
Баёзи синаҳоятро кӣ дида?
Туро, эй гул, ба ин ҳусни худодод,
Ба ишқам гӯ, вафоятро кӣ дида?

Назар бар сӯи мо дорад ситора,
Ба дарди мо даво дорад ситора.
Занад чашмак, рабояд қалби моро,
Аҷаб меҳру вафо дорад ситора.

Куҷоӣ гул, куҷоӣ гул, куҷоӣ?
Табассум кун, чаро ту камнамоӣ?
Чунон бӯсам лабони нозукатро,
Ки то умрат бувад бар худ наоӣ!

Ба ӯ бахшидаам ашъори худро,
Ҳама ганҷинаи дарбори худро.
Агар қаҳтӣ биояд ҳам, дар он рӯз
Ҳама ҷӯяд зару ман ёри худро.

Ба мисли булбуле ҷӯям чаманро,
Чу шоир офарам мадҳи Ватанро.
Яке сарват, яке мансаб биҷӯяд,
Биҷӯям меҳри беҳамтои занро.

Бихоҳам зиннати дунёи модар,
Дарахшон қисмати фардои модар.
Миёни аҳли байташ ҷовидона
Нагардад ҳеҷ холӣ ҷои модар.

Ало модар, қади тират бимонад,
Дуоҳои фалакгират бимонад.
Дуо гӯӣ, ки доим бахти фарзанд,
Сафеде ҳамчу он шират бимонад.

Ҷаҳони поку ободам ту, модар,
Равону ҳам дили шодам ту, модар.
Зи номи туст эҷоду сурудам,
Ҳама илҳому эҷодам ту, модар.

Ҳама ҳусни баҳори ман ту, модар.
Ҳамеша ғамгусори ман ту, модар.
Илоҳо, бар ту рӯзи бад наояд,
Ба рӯзи ғусса ёри ман ту, модар.

Ало модар, ба номат тавба дорам,
Ба сеҳри ҳар каломат тавба дорам.
Ба як меҳрат наарзад меҳри сад кас
Ба меҳри нотамомат тавба дорам.

Ало модар, маро овардаӣ ту,
Ба шири поки худ парвардаӣ ту,
Ба гӯшам «Алла» хондӣ мисли шоир.
Маро чун хеш шоир кардаӣ ту.

Ало модар, макун парвои манро
Макун андешаи фардои манро
Маро дирӯз худ оварда будӣ,
Бубин имрӯз худ дунёи манро.

Ало модар, ҷигарбанди ту бемор,
Хабар дорӣ, надорӣ, модари зор?
Раҳ арчи дур, қалбам бо дилат як,
Худо гӯям, шавад аксат падидор.

Ало модар, дуо кун марди роҳам,
Дуои ту давои дарду оҳам.
Сарои зиндагӣ пурмоҷароест,
Мадад кун, модаро, дар нимароҳам.

Суханҳое, ки ширин чун шакар аст.
Ҳамеша он суханҳои падар аст.
Ҳама андарзу пандаш дар ҳаводис
Нигаҳбону саробон аз хатар аст.

Ало модар, ало эй модари ҷон,
Туӣ бахтам, туӣ уммеду армон.
Манам бемору бемор аз ғами ту,
Ба дарди ман ту дармонӣ, ту дармон.

Ало модар, туӣ он қиблагоҳам,
Худои ин ҷаҳон, оламканоҳам,
Туӣ оғозу анҷоми мани зор,
Туӣ бахшандаи кулли гуноҳам.

Ало модар, ту беморию ман ҳам,
Ду беморему ду печида дар ғам.
Сари зону гирифта, «Алла» гуфтӣ,
Сари зонут, илоҳо, ҷон супорам.

Ғаму дарди маро таб донаду бас,
Азоби ҷони ман шаб донаду бас.
Аз он ранҷе, ки дилро карда ранҷур,
Варо ман донаму Раб донаду бас.

Шароби лаъли ту беҳ з-оби ангур,
Ба дандони ту чокар мешавад дурр.
Бидида шамс он рухсори пурнур,
Бигуфт афсона шуд Юсуфи машҳур.

Маро ҷуз ғам касе ҳамдам набошад,
Танамро беҳ зи ғам марҳам набошад.
Вуҷудамро магар бо ғам сиришта,
Ки ман ғам мехӯрам, гар ғам набошад.

Дило, то зиндаӣ дар ҷустуҷӯ шав,
Зи шаҳди илм нӯшу дар нумӯ шав.
Худо донишваронро мепарастад,
Ба илмат бо Худо дар гуфтугӯ шав.

Басо гуфтем, мо Хайёме парастем,
Зи ҷоми шеъри ӯ пайваста мастем.
Вале аҳли башар имрӯз фаҳмид.
К-аз он ақлу хирад пастем, пастем.

Ба васфи май рубоӣ гуфт Хайём,
Қалам бар дасти худ бигрифта бо ҷом.
Рӯбои ҳам нависам ман, валекин
Қалам дар дасту бар чашмам гуландом.

Зане бе марду он безан набошад,
Нигори ман даме бе ман набошад.
Зи ҷисми мо чӣ суд, ар ҷон надорад,
Тане беҷону ҷон бе тан набошад.

Маро мурғи дил андар доми ёр аст,
Умеду ноумедӣ бешумор аст.
Раҳи пурпечутоби ошиқона
Макони ошиқонро интизор аст.

Замона, эй замона, эй замона,
Зи рафтори бадат гӯям тарона.
Зи каҷрафторият дар олами ишқ,
Фаромуш гашта меҳри ошиқона.

Ало тоҷик, тоҷи ту ба сар бод,
Ба ҳар ҷо душмани ту бебасар бод.
Ҳама ҳарфат чу аз лаҳнат барояд,
Мисоли «Шоҳнома» шоҳасар бод!

Манам тоҷик, лафзи ман дарӣ шуд,
Таманноям забони модарӣ шуд.
Забони ман нишони миллати ман,
Сухан ширину ҳарфам шаккарӣ шуд.

Зи асри даҳ садо омад, азизон,
Садои ҷоннавози Оли Сомон.
Зи нури адлу нури илму дониш
Дурахшон бод, мулки Тоҷикистон!

Зи дурӣ омад овозе ба гӯшам,
Ки бори миллати тоҷик ба дӯшам.
Шавам ман чокари миллат ба ҷонам,
Чу об адар ғами миллат биҷӯшам.

Ҳумоюн бод, ҳумоюн бод, тоҷик!
Шудӣ шодон, шудӣ обод, тоҷик.
Ба мардикории дунё равонӣ,
Зи озодӣ шудӣ озод тоҷик!

Биё, эй дӯст, ҷашни Ваҳдат омад,
Ба мулки мо сафои миллат омад.
Биё. ки ҳарду мо бар ваҳдат оем,
Ки Ваҳдат дар фазои Давлат омад.

Яке дилбар диламро бурда шодон,
Дигар гӯӣ, ки дил биспурда шодон.
Гуле, к-аз бӯсаборонам шукуфта,
Шумори бӯсаҳо бишмурда шодон.

Яке дил мебарад бо як нигоҳе,
Яке дил бишканад бо оҳу воҳе.
Яке ваҳшинажоди бемуҳаббат
Нишон бидҳад бузургӣ бо силоҳе.

Маҳи ман, ай маҳи ман, ай маҳи ман,
Ба шоми тор бошӣ ҳамраҳи ман.
Задам гумроҳ дар дунёи зулмот,
Маро шав раҳнамо дилогаҳи ман.

Ало сабзина, эй сабзинарангам,
Сухан аз ишқ орам, созӣ чангам.
Ало ваҳшиғизол, аз чӣ гурезӣ,
Шавад рӯзе, ки худ ойӣ ба чангам.

Ҷафокоро, ҷафокоро, ҷафокор,
Ба саҳрои дилам тухми вафо кор.
Зи меҳрат осмони сина афрӯз,
Зи васлат шав ба дарди ман шифокор.

Аҷаб рӯзу аҷаб моҳу аҷаб сол,
Накӯ бахту накӯ ёду накӯ фол.
Биояд сол бо рӯзу шаби хуш,
Худоё, солҳо ояд ба иқбол.

Ало духтар, ало кимёгари ман,
Зи ҳар метал туӣ қиматтари ман.
Шавам оҳан, ки дар хунат шавам ҷо,
Ту зар бошӣ, шавӣ тоҷи сари ман.

Ало Раззоқ, бе сарват гуле ку?
Садои кабку савти булбуле ку?
Раҳи дилро агар ҷӯӣ зи ёрон,
Миёни қалбҳо ҷуз пул пуле ку?

Худоё, аз чӣ овардӣ зару пул,
Чу дарвеше бинолад зор булбул.
Гули пурқимат ар хоре намояд,
Чу хоре райгон ояд, бувад гул.

Ба компутар нависам номаи ишқ,
Бисозам бо ҳавас барномаи ишқ.
Дило, асрори компутар биёмӯз,
Ки сирри ӯ бувад ҳангомаи ишқ.

Ба компутар аҷаб дорӣ назора,
Варо бо тугмаҳо сози идора.
Манам мафтунат, эй бонуи тоҷик,
Ки асрори замон омӯзӣ мора.

Туву ман ё ману ту ҳарду як тан,
Мисоли ошиқи печони гулшан.
Нагардад пош он хокистари мо,
Хазон гардему сӯзем ар ба гулшан.

Чӣ оғӯшат баҳори ошиқӣ аст,
Ду рухсорат шарори ошиқӣ аст.
Ҳама кори ҷаҳон дорад қароре,
Ду чашмонат қарори ошиқӣ аст.

Ду лаб якҷо шавад, лаб донаду лаб,
Ду дил як ҷо шавад, шаб донаду шаб.
Пас аз бӯса канору хоби ошиқ,
Натоиҷи варо Раб донаду раб.

Муаллим, ту зи ғам озод бошӣ,
Ба кӯҳи маърифат Фарҳод бошӣ.
Бас устодон сабақ доданду аммо
Ту устоди ҳама устод бошӣ.

Дабистоно, шукӯҳи ту куҷо шуд,
Ҳама устоди ту мисли гадо шуд.
Чу шеде нур медодӣ ба илмат,
Ки бе ту ин ҳама дунё фано шуд.

Садо омад, садои занги охир,
Шунидам моҷарои занги охир.
Ҷудо ёрон зи мактаб менамояд
Садои бевафои занги охир.

Садои зангу мактаб ёдам омад,
Ба пеши чашмам он устодам омад.
Дигар таклифи мактабро надидам,
Аз он айёмҳо фарёдам омад.

Садои занги охир пурнаво шуд,
Басо шогирд аз мактаб ҷудо шуд.
Вале пурсанд аз даҳ соли мактаб.
Куҷо буду куҷо рафту куҷо шуд?

Дабистоно, дабистоно, дабистон,
Ба занги охирин гардида поён.
Вале чун муждае аз зиндагонӣ
Ту занги аввалинӣ баҳри моён.

Дилам гӯй асту зулфони ту чавгон,
Ду чашмат соҳиру ҷонам гаравгон.
Ту золимталъатӣ, ҳолам чӣ донӣ,
Ту масти кибру ман побанди афғон.

Хушо, мӯи парешонат шамидам,
Маҳо, рухсори тобонат газидам.
Разо, ангури шодобат макидам,
Ҳуро, дар оғуши ҷонат тапидам.

Ҷаҳони ошиқӣ афсона бошад,
Макони ошиқӣ ғамхона бошад.
Ҳама мефахрад аз Маҷнунии худ,
Ба ҳар ҷо ошиқе девона бошад.

Париталъат, маро бинӣ, бинозӣ,
Сухан аз ишқ гӯям, чорасозӣ.
Ба қалби нозукат андуда бошам,
Агар дар кӯраи ишқат гудозӣ.

Дилам аз ишқи ту девона бошад,
Вуҷуди ман ба дил бегона бошад.
Шавам озод аз банди муҳаббат,
Агар дил бандаи ҷонона бошад.

Арӯсиё, арӯсиё, арӯсӣ,
Чӣ хуррам бошадат шоми арӯсӣ.
Аҷаб зебо шавӣ гар бо шаҳи худ,
Шаробе нӯш бо ҷоми арӯсӣ.

Бақои оила бошад зану шӯ,
Сафои оила бошад зану шӯ.
Ҳамеша дар ғами оила ҳар ду,
Давои оила бошад зану шӯ.

Ҷавонӣ гашта бонӯи дили ман,
Ҷавонӣ ҳамчу шоҳи манзили ман.
Аз он рӯзи азал шоҳи кулолӣ,
Ҷавониро сиришта дар дили ман.

Биё, эй дил, ҷавонӣ дорам, эй дил,
Зи ишқ афсонахонӣ дорам, эй дил.
Ба мулки ишқ дар айни ҷавонӣ
Кулоҳи Хусравонӣ дорам, эй дил.

Ҷавонам ман, сароям ошиқона,
Ҷавонӣ бо муҳаббат ҷовидона.
Суруди рақсии тӯёна аз ман,
Ҷавонӣ кун ту бо рақсу тарона.

Ало духтар, вуҷуди ту пур аз ноз,
Даруни синаат сарчашмаи роз.
Кушодам дафтари хотираҳоят,
Аз он дарду ғами ишқам шуд оғоз.

Ҷавонему ҷавонему ҷавонем,
Мисоли кабки бепарво равонем.
Нанӯшем, ар шароби ишқ ин дам,
Чу фасли пирӣ ояд, нотавонем.

Ҷавонам ман, ҷавонам ман, ҷавонам,
Ҷавони покдину бовафоям.
Зи роҳи кач канора ҷуста ҳар дам,
Ба роҳи рост доим раҳнамоям.

Куҷо пире шуда аз нав ҷавоне?
Ва ё дарё шуда боло равоне?
Касе мирад, аз ӯ чизе намонад,
Фақат монад фиғоневу фиғоне.

Зи меъморе бино монад нишона,
Табиберо даво монад нишона.
Зи шоир шеъру аз мансабталоше
Фақат даъвии ҷо монад нишона.

Макун аз душманат парвои дунё,
Валек аз дӯстон андеша бинмо.
Ба наздат хушзабон гардида ёрон,
Ба ғайб аз дӯстон гардӣ ту расво.

Биё ҷоно, ба ту шеъре сароям,
Миёни боғу бустонат дароям.
Чашида меваи сероби васлат,
Зи тӯфони ғаму ғусса бароям.

Ба рухсори ту зулфонат хамида,
Ниҳолатро анори навдамида.
Худо донад, ки аз шаҳди лабонат,
Чашида меравам ё ночашида…

Дилам заҳри муҳаббатро чашида,
Зи макри ёр бас таъне шунида.
Бишустам даст аз меҳру вафояш,
Зи дилдоре хиёнатро бидида.

Ало ишқи навини ман, куҷоӣ?
Нигори нозанини ман куҷоӣ?
Манам ангуштару кобам нигине,
Ту бошӣ он нигини ман, куҷоӣ?

Нигори ман, ҳаёи ту куҷо шуд?
Шудӣ ошиқ, вафои ту куҷо шуд?
Зи тири ишқи ту ин дил шуд абгор,
Табиби ман, давои ту куҷо шуд?

Дигар, ай нозанин, нозат надидам,
Ба сӯи бахт парвозат надидам.
Ту ишқи поку беолоишамро
Адо кардиву оғозат надидам.

Нигаҳ кардам ба ёдат бо тиреза,
Зи танҳоӣ ба худ кардам ситеза.
Намудам гиряҳову рехт ашкам,
Чу борони баҳорон реза-реза...

Ту ҳастӣ ҳусни боғам, эй бунафша,
Ту ҳастӣ чун чароғам, эй бунафша.
Сарат аз чист доим хам, магар ту
Хабар дорӣ зи доғам, эй бунафша?!

Ба дил гар ғусса ояд, ёди ман кун,
Хумори бӯса ояд, ёди ман кун.
Шикастам рӯзаат бо бӯсаборон,
Чу моҳи рӯза ояд, ёди ман кун.

Ало ёрам, гаҳе ёди маро кун,
Ба танҳоӣ ту фарёди маро кун.
Ба васфи ту сухан гуфтам, нигоро,
Ҷавобе гӯву бунёди маро кун.

Бидидам рӯи ту, гӯё фасона.
Ба ёди ту нахуфтам ман шабона,
«Чаро?»- гӯю шунав дарди диламро,
Дилам побанди ишқат ҷовидона.

Мабодо, ки фаромӯшам намоӣ,
Чӣ хуш рӯзе, ки оғӯшам намоӣ.
Ҳамеболам, ки дар айни ҷавонӣ
Ту бори ишқ бар дӯшам намоӣ.

Чӣ хуш, ай гул, ки аз бӯят бимирам,
Мачин абрӯ, ба абрӯят бимирам.
Чу маҷнунбед бофӣ кокулонат,
Барои кокулу мӯят бимирам.

Сароям ман суруди носуруда,
Кушоям сад гиреҳи нокушуда.
Туфайли мисрае ман аз дили худ
Бурун орам ғамоби нозудуда.

Дилам дарёву мачрое надорад,
Сарам кӯҳеву тиллое надорад.
Суханро пухта мегӯям ман охир,
Ки шеъри хом маъное надорад.

Дилу ҷонам, ҳаме андеша макун,
Ба худ кори накӯро пеша мекун.
Миёни бӯстон хоре бирӯяд,
Бигир онрову зери теша мекун.

Ситора, эй Ситора, эй Ситора,
Ба шоми ман туӣ шамси дубора.
Туро гар дур дидам аз нигоҳам,
Шавад гӯё дили ман пора- пора.

Табибам ман, табибам ман, табибам,
Диёри ошиқонро ман ҳабибам.
Басо ағёр омад рӯи олам,
Бигирӣ эй Худо, ҷони рақибам.

Ҷавониё, ҷавониё, ҷавонӣ,
Туӣ гулбоғи ман дар зиндагонӣ.
Макун аз умри ман охир ҷудоӣ,
Дареғо, ки маро дигар надонӣ.

Аё сарвода, эй сарводаи ман,
Ту бошӣ он раҳи ояндаи ман.
Туро аз дил сурудам, то ки рӯзе
Шавӣ андар ҷаҳон поярдаи ман.

Диле дорам кушода чун ҳавое,
Диле дорам чу шиша пурҷилое.
Дили ҳар кас пур аз ҳар чизу ночиз,
Диле дорам пур аз меҳру вафое.

Ки донад қадри оламтоби қоғаз,
Ба ҷуз шоир, ки ӯ дилёби қоғаз.
Бурун орад зи дил рози нуҳуфта,
Суҷуди хомаю меҳроби қоғаз.

Бихоҳам дар канори Ёрии хеш,
Ва зери ҳар чанори Ёрии хеш.
Бинӯшам оби Кавсар, лек мӯҳтоҷ
Ба оби чашмасори Ёрии хеш.

Дило, бар ёри нав дил дода, рафтӣ,
Гиреҳи дил зи ман бикшода, рафтӣ.
Пушаймон мешавӣ гуфтам, валекин
Ба макри нокасе афтода, рафтӣ.

Шунидам достони ишқат, эй гул,
Вафои нотавони ишқат эй гул.
Дар айёми гул аз фарши дили худ
Бирӯбам ман хазони ишқат эй гул.

Балои ишқи ту мисли куҳ омад,
Зи ишқи ту диламро андуҳ омад.
Шудам ғарқа ба тӯфони муҳаббат,
Ки ҳаҷри ту чу тӯфони Нӯҳ омад.

Ду чашмони ту ғамхоранду ғамхор,
Ду чашмони ту айёранду айёр.
Ба сеҳри чашми ҷодуят фитодам,
Ду чашмони ту маккоранду маккор.

Ту дилдориву дил ба бар ту супурда,
Вале дилро зи ғам кардӣ фишурда.
Чароғи ишқро кардӣ ту хомӯш,
Туро пиндорам аз имрӯз мурда!

Ало, эй ёри беаҳду вафоям,
Ало, сардафтари саҳву хатоям.
Бароям шодию ғам офаридӣ,
Ба дини ошиқӣ бошӣ худоям.

Ба кӯҳи ишқ Фарҳодам ту будӣ,
Ба дарси ишқ устодам ту будӣ.
Ҳама кори ҷаҳон оғоз дорад,
Ҳама оғози эҷодам ту будӣ.

Лабам шодону чашмам пурнам имрӯз,
Даҳан пурхандаю дил пурғам имрӯз.
Дареғо, ҳақталаб рӯзе набинад,
Бигӯям, к-одами оқил кам имрӯз.

Ба доми ишқ агар афтад ягон кас,
Шукӯҳи зиндагияш меравад пас.
Ба роҳи макру ҳила мебарад он,
Ки ишқи ӯ бувад тӯфон, худаш кас.

Шудам бемор аз дарди ниҳонӣ,
Зи ишқи ту вале инро надонӣ.
Биё, ки бе рухи тобонат, эй гул,
Хазон гашта ҳаётам бо ҷавонӣ.

Ало духтар, ало духти дилогоҳ,
Дилат ошиқ, вуҷуди ту пур аз оҳ.
Бувад ишқам шифобахши дили ту,
Зи қалбат бовафоӣ ҷӯяд ин роҳ.

Ало духтар, вуҷуди ту пур аз ноз,
Даруни синаат сарчашмаи роз.
Кушодам дафтари хотираҳоят,
Ба сӯи ту хаёлам кард парвоз.

Ало духтар, чӣ сирре дар каломат,
Асалгуна сухан резад зи комат.
Манам шайдои ҳарфи нобат эй гул,
Ба ҳар маҳфил ҳамефахрам зи номат.

Туро оғӯш кардам, оғӯшат гарм,
Ҳама он пайкарат пайваста буд нарм.
Валекин аз чӣ мебинам бад- ин сон
Ба рух бишкуфта буд гулдастаи шарм.

Ба ту дилдодаам, гул, бевафоӣ,
Ба роҳи ишқ мегардӣ ҳавоӣ.
Тавалло кардамат аз баҳри бӯса,
Надодӣ бӯсаеро бо гадоӣ.

Ҳама эҷоди ман бар васфат эй гул,
Ба васфи кокулони ғафсат эй гул.
Ҳар он ҳарфе сурудам бо муҳаббат,
Бо васфи абрӯвони ҷафсат, эй гул.

Ту Лайлоию ман ошиқ ба Лайло,
Аҷаб меҳрат ба дил гардида пайдо.
Шудам Маҷнуни ту охир, нигорам,
Ба ишқи ту шудам якбора шайдо.

Табассум кардию вақти табассум
Ба монанди гули раъно шудӣ гул.
Чу бӯсидам зи лаб шармида он дам,
Худат зебо будӣ, зебо шудӣ гул.

Ба назди ҳозирон оҳиста гап зан,
Миёни одамон оҳиста гап зан.
Миёни дӯстон душман яке ҳаст,
Ҳама ҳарфи ниҳон дониста гап зан.

Бе рӯи туям дилам қароре нагирифт,
Бе ту ҳама кори ман бароре нагирифт.
Бар захми дилам агар давое кардӣ,
Билаҳ, ки дилам дигар ғуборе нагирифт.

Дилам аз дарди ту девона гардид,
Зи ишқи ёр бас ғамхона гардид.
Бигуфтам бар дилам марҳам шав, эй гул,
Валекин ёри ман бегона гардид.

Андар лаби ту чашмаи обе будаст,
Обе набуда, балки гулобе будаст.
Ҳар шому сабо гулоби он нӯшидан
Бар ошиқи ранҷур савобе будаст.

Гули ман, меҳри ту дунёи ман буд,
Вуҷуди нозукат маъвои ман буд.
Наҷуста ман ба олам ҷои дигар,
Миёни синаҳоят ҷои ман буд.

Аҷал асло ба мо иғво надорад,
Бигирад ҷони мо, парво надорад.
Харидан метавони ҷову амвол,
Валекин умри кас савдо надорад.

Маро аз анҷуман кобӣ, биёбӣ,
Маро аз шеъри ман кобӣ, биёбӣ.
Дар он рӯзи қиёмат пайкарамро
Ту аз хоки Ватан кобӣ, биёбӣ.

Назарбозе назарбозӣ намояд,
Замонсозе замонсозӣ намояд.
Валекин Абдураззоқи суханноз
Шуморо аз сухан розӣ намояд.

Маро аз шеъри ман ҷӯӣ, биёбӣ,
Зи байни анҷуман ҷӯӣ, биёбӣ.
Замоне хок гардам хоки манро,
Зи оғӯши Ватан ҷӯӣ, биёбӣ.

## МУНДАРИЧА

**ТАРОНАИ ВАТАН**


Тоҷикистони ҷавон ..........
Ҷашни истиқлол ..........
Аё модар, ту боронӣ… ..........
Баҳор андар замин омад..........
Наврӯзи истиқлоли мо..........
Фахрам зи диёри Тоҷикистонам..........
Ман ориям, зи Ёриям..........
Ту ҷони Тоҷикистонӣ, Душанбе..........
Эй шоиро… ..........
Мақсади шеър ..........
Эй соли нав, хуш о, биё..........
Таронаи Борон..........
Бимон бо ман, аё эй «Ман» ..........
Туӣ он чашмаи илҳом, нигори ман… ..........
Бар ёди ту, эй нозанин ..........
Акси дилдор..........
Хуршед нур резад ..........
Меҳри ситора ..........
Суруди ҷавонон ..........
Тӯйи фарзанд..........
Гулдухтари Душанбе ..........


**ШАРОБИ ИШҚ**
**(Ғазалгуна)**


Ай офтоби тобон, бишнав саломи ..........
Номи некат дар забонам ҳар куҷо бошӣ, падар ..........
Худо яктову ту яктоӣ, модар. ..........
Ало модар, ало модар, бигирям. ..........
Ҳар касе бошӣ, азизам, ҳарфи моро ёд кун. ..........
Рози дили пурамон гӯям ва ё нагӯям? ..........
Дилдор ой, дилдор ой, ..........
Дар ҳалқаи ёронаму ман ёр надорам, ..........
Ба ҷаҳони пур зи ғавғо сари пур зи шӯр оем, ..........

Эй банда ҳамедон, ки дилбанди Заминӣ. ........................................
Бар машоми одамӣ ояд мудам бӯи аҷал, ........................................
Худоё, ҷони ман бодо фидоят, ........................................
Гарчӣ муслимдухтарӣ рафтори кофар мекунӣ, ........................................
Он чӣ ба дида дидам, бар ту ҳамон бигӯям. ........................................
Назди ошиқ бевафоӣ хислати мардона нест. ........................................
Ҳама дарди замон гуфтан нашояд, ........................................
Мусулмонон, мусулмонон, фақирам, ........................................
Ҳамчу занбӯр, агар сайри чаманзор кунам, ........................................
Ҳайфи фарди оқил, ар даъвии мансаб мекунад, ........................................
Бар миллати мо тулӯи Ваҳдат омад, ........................................
Ҳар лаҳза гӯям аз дил ҷонам фидои Ёрӣ, ........................................
Дилам тору зиёбахши дилам ту. ........................................
Дар ҷавонӣ бо нигоре дар тараб хоҳам будан, ........................................
Дар рӯи замин гавҳари яктост Душанбе. ........................................
Гаштаям муштоқи ёру рӯи ёронам чӣ шуд? ........................................
Аҷаб шаҳри шукуфонӣ, Самарқанд, ........................................
Басе мардум ба ғавғо ин чӣ ҳол аст? ........................................
Пой дар дӯкон барӣ, аз кисаҷон андеша кун, ........................................
Шукри он дорам нафасгирӣ ба дунё бепул аст. ........................................
Замину осмон қимат шуд имрӯз, ........................................
Эй ҷони ман, ту ҳастӣ масти ҷамоли доллар ........................................
Чӣ ҷаҳоне, ҷаҳони компутар, ........................................
Ҳар лаҳза дили покам шайдои ҷавонӣ аст ........................................
Мерасад бар гӯшам аз саҳни дабистон хайр, хайр ........................................
Аз ин дунёи макробод ҷавониям гузар дорад. ........................................
Имрӯз дили зор чу меҳмони ту бошад, ........................................
Эй ки ҳар соату ҳар лаҳза лабам зори лабат ........................................
Чӣ хуш бар одамӣ, дунёи фарзанд. ........................................
Сутуни хонадон оре зану шавҳар, зану шавҳар. ........................................
Шаби хурсандӣ, эй домод, муборак, ........................................
Эй шаҳ, ба ту ёракат муборак бошад, ........................................
Айёми баҳор омаду боғу чаман шукуфт, ........................................
Хуршеди оламафрӯз бидҳад саломи Наврӯз, ........................................
Пайғоми Аҷам резад: Наврӯз муборак бод! ........................................
Деҳ муждаи Наврӯзӣ, имрӯз Ҳамал омад, ........................................
Сардии ҳаво муждаи оғози тирамоҳ. ........................................
Ҳар бандаи илм ошиқи шайдои риёзӣ, ........................................

Ҳар ҷо сухан оғоз кунам аз забони дӯст,..........................................
Манам шайдои ҳар гуфтори Лоиқ ..................................................
Эй ҷони беҳ зи ҷон, зи тан рафтаӣ,чаро? ........................................
Эй шоири давру замон, Лоиқ, видоъ гуфтӣ, чаро?.........................
Шодам, ки дар рӯи ҷаҳон ман тоҷикам, тоҷикзабон,....................
Ман шодаму шод омадам, ..........................................................
Ғазал, ошиқи шайдоем, мову ту, ..................................................
Ҳарфи ман, эй дӯст, ин дарди ман аст, ........................................
Раҳнавардам, раҳнаварди роҳи шеър. ..........................................
Сухансанҷо, сухандоно, сухан гӯ,..................................................
Ба шоир доимо рӯзи саид аст, ......................................................
Ба ҳар манзил забонро сарварӣ кун,.............................................
Эй ёр, аҷаб аст саропои ту нозук,.................................................
Аз дарди дилат басо хабардор кӣ буд? Ман!..................................
Эй моҳ, ки дар ошиқӣ додаӣ азобам,............................................
Ман ёри туям, чаро зи ман меранҷӣ?............................................
Нигоҳи чашми ҷодӯят манам, ман ..............................................
Будам ғуломи ишқат, ҳоло гурез дорам, .......................................
Ошиқе ман ошиқи чашмони духтар гаштаям, ...............................
Зардинаи ман, ту мӯи тилло дорӣ,...............................................
Маро чун ояд, эй маҳ, ёди рӯят, ...................................................
Зи ишқи ту, дилу ҷонам, басо девона гардидам,...........................
Шоме, ки дар оғӯши париваш бошам, ..........................................
Маҳвашо, гардидаам муштоқи он абрӯи ту, .................................
Эй симтани нозукбадан, боре ту назди мо биё, ............................
Манам мафтуни он чашмони дилбар .............................................
Биё гуфтам ба болинам, «чаро?» гуфтӣ, чаро гуфтӣ,....................
Ку худованди сухан, лаҳни шакаррез куҷо? ...................................
Дирӯз гардида зи ман безорҳо, безорҳо ........................................
Сангу хоки кишварам поянда медорад маро, .................................
Ҳама ҳарфи ниҳон дар ошиқӣ аст, ..............................................
Эй ёр, ба ин боғи адибон сафаре кун, ..........................................
Раҳи даргоҳи ҷонон аз кӣ пурсам? ...............................................
Туро, эй гул, навозиш кай кунам ман?..........................................
Шодам ба рӯят, эй гул, доғе зи ғам набошад, ...............................
Ушшоқи Панҷакент .....................................................................
Эй дило, дурӣ маҷӯ ҳар лаҳза наздикам биё,.................................
Аз Худо гирам дуо, ҳусни ту асло кам мабод,...............................

Чӣ хуш, гар то ҷаҳон бошад, ба ман гул ҳамнафас бошад ...........
Офтобро шарм ояд аз рухи тобони ту ..........
Шабе миҷгони ту бӯсида будам. ..........
Ба ту, эй ахтари шабҳо, нигаҳ бо чашми дил дорам, ..........
Ало, эй ёри бепарво, зи ишқат сӯзаму гирям..........
Як шаб шудӣ меҳмонам, боз о, ту шаби дигар ..........
Маҳӣ ё шед ё ки ахтарӣ ту ..........
Ман ки парвардаам аз хоки Шумо. ..........
Хотири озурдаи ман шод аз ишқи ту шуд,..........
Хаёламро банд кардӣ ту ба шасти зулфи печонат ..........
Чашми он дорам, ки чашмат чашмдори чашми ман, ..........
Дар синаи худ баҳри Шумо дар дорам,..........
Кони шакар аст лаъли ту, ё ки намак, эй ёр,..........
Ҳушёр ва ё мастам, оғӯши ту мехоҳам,..........
Туро эй ёри ҷононам, фаромӯшат намесозам, ..........
Эй дил, аз чӣ кунӣ таманнои?..........
Ёр аз ман рафту омад боз ин ёри дигар,..........
Дилам тору зиёбахши дилам ту, ..........
Худовандо, чаро кардӣ ба ишқи ӯ гирифторам? ..........
Ба танҳоӣ маро ёрӣ, ало ай номаи дилдор,..........
Дилам танг асту мепурсам, ки дунёи дилам?..........
Аз ман равӣ гар, дило, каме ёдам кун,..........
Бубин раққоса бо сад нағмаю эъҷоз мерақсад, ..........
Эй нигор, аз бевафоӣ кардаӣ дилхун маро, ..........
Ба гӯш омад садои Ҳаштуми март. ..........
Ало бону, ту моҳи бемисолӣ..........
Сардии ҳаво омаду айёми зимистон, ..........
Бубин, тоҷикдухтар дорад атлас,..........
Маҳвашо, тимори ишқатро ба ҷонам кардаӣ, ..........
Гӯям санамо, аз чӣ ман ёр наӣ, ту? ..........
Худовандо, нигорамро аҷаб ҳусне ато кардӣ,..........
Сӯи Ҳақ дорам дуо, эй ғамгусорам шод шав,..........
Зи дурҳо ҳамерасад ба мо садои Рӯдакӣ,..........
Зи асри даҳ ба сӯи мо саломи Рӯдакӣ омад,..........
Чӣ хуш ин чеҳраи шоди Душанбе,..........
Эй дил, ту биё ба хонаи дил, ..........
Дило, бин ҳолати бечораи дил, ..........
Манам қурбони шону номи деҳқон,..........

То диёри ман диёри барқ шуд, ............................................................
Зан, ар ақилаӣ, шав ёри мардат, ..........................................................
Сароғози сухан мард асту мард аст,.....................................................
Шукри оллоҳе, ки моро офарид. ..........................................................
Назди ту, эй ҷону ҷигар, боз омадам, боз омадам. ........................
Зиёбахши ҷаҳон ҳастӣ, падарҷон.........................................................
Сардафтари фасона ҳастед мӯсафедон. ...............................................
Зиндагӣ пурпеч роҳе будааст, ...............................................................
Гуфтам, ки биё, биё, манам яккаву танҳо. ..........................................
Садбарги тарам ту бошӣ ҷоно, .............................................................
Ҷонона, биё, гӯш кун аз ман ғазали ишқ. ..........................................
**НӮШБОДИ ХАЙЁМ (тарҳи рубоӣ)** ...................................................
**РАНГИНКАМОН (шабеҳи дубайтӣ)** ...............................................

*Китоб бо тамгаи нашриёти «Адиб»*
*ба табъ расидааст*

**Абдураззоқи Раззоқ**

# БАҲОРИ ИШҚ

*(маҷмӯи шеърҳо)*

Ҳуруфчини компютерӣ *Маҳмадраҳим Тағоев*
Ороиш Орзу Раҳмонӣ
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабанд *М. Саидова*

Ба матбаа _______супорида шуд.
Чопаш ___ба имзо расид. Коғази офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 7.0.
Андозаи 60x84 1/16 Адади нашр 300 нусха.

Муассисаи нашриявии Нашриёти «Адиб»- и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, ш. Душанбе, кӯчаи н. Қаробоев 17а.

Дар матбааи ________________ ба табъ расидааст.
ш.Душанбе, хиёбони ______________